ЧӢ ТАВР ПАЙРАВИ МУБОРАКШО БА ДУМБОЛАШ РАФТ? с.9
СЕ КӮДАКИ НОБОЛИҒАМРО ДАР КӮЧА НАМОНЕД! с.7
ОРД ДАР 10 РӮЗ 100 СОМОНӢ ҚИММАТ ШУД с.3



ТОҶИКИСТОН

№39 (1550)
27.09.23

~ Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! ~

# ҚАҲРАМОНОНИ ҲОНГЖУ-2022

## Тиллои сомон, нуқраи Темур ва биринҷии Беҳрӯз



АЗ АРЗИШИ УМУМӢ 30% ПЕШПАРДОХТ,
ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ БОҚИМОНДА АЗ 3 ТО 5 СОЛ

M.O.O. Group
СЕБИСТОН-2018
— ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —



*Маҷмааи биноҳои истиқоматӣ, иборат аз блокҳои А Б В Г Д Е Ж З И К, бо ҷойгир кардани марказҳои савдо ва хизматрасонӣ дар ошёнаҳои якум ва таваққуфгоҳ, бунёди кӯдакистони хусусӣ барои 250 ҷой дар кӯчаи Ҳабиб Аҳрорӣ, ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе.*

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ФУРӮШ: +992 200-00-00-00 | +992 00-277-44-33

*Моликияти МБИ “АҲРОРӢ”:*

- Биноҳои 8 ва 9-ошёна, 10 блок;
- Дар ҳар як ошёна аз 1 то 6 квартира;
- Хонаҳои боҳашаммати иборат аз 63 м2 то 608 м2;
- Баландии шифти квартираҳо 4 метр;
- Фасадҳои нахи бетонӣ бо изолятсияи гармидиҳӣ;
- Амният ва назорати видеоӣ бо назорати дастрасӣ;
- Лобби барои интизории меҳмонон;
- Ҳавлиҳои пӯшидаи муҳофизатшавандаи бидуни мошин;
- 2 ошёнаи таваққуфгоҳ;
- СПА;
- Маркази фитнес;
- Ҳавз;
- Мағозаҳо бо брендҳои ҷаҳонӣ;
- Фасади мағоза аз гранит;
- Лифтҳои алоҳида барои мағозаҳо;
- 80% майдони сабз;
- Имконият барои сайругашт дар наздикии боғи "Истиқлол";
- Масҷиди марказӣ;
- Аквапарки “Обшорон”.

## ДАР ИН ШУМОРА:

**СИЁСАТ**
Ҷаро сарони Осиёи Марказӣ ба Берлин мераванд? с.2

**АТО МИРХОҶА:**
Магар араб модари тоҷик аст? с.3

**ХУҶАНД**
Посбон чаро донишгоҳро оташ зад? с.11

**ХОНАИ АРКДОР**
Бинои таърихии Душанбе тахриб мешавад? с.5

**ФАЗЛИДДИН ҚОДИРОВ:**
Тоҷикистон метавонад “макка”-и сайёҳӣ бошад с.8

**КӮЛОБ**
Зарардидагон соҳиби хона мешаванд? с.6

**ОВОЗА Ё ҲАҚИҚАТ**
“Ҷумъа муборак!” манъ шуд? с.9

**КАНЗИ ШИФО**
Қадкӯтоҳӣ. Аз нигаронӣ то роҳи ҳал с. 13

# PRESSA.TJ : ХАБАР МЕДИҲАД

## БАҲСИ МАРЗ БА ПОЁН МЕРАСАД?

**Аз 19 то 25-уми сентябри соли ҷорӣ дар шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд бо иштироки ҳайатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон ҷаласаи навбатӣ оид ба аломатгузории марзи ду кишвар баргузор шуд.**

Дар ин бора Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон иттилоъ медиҳад.

Ба навиштаи ин ниҳод, дар мулокоти мазкур лоиҳаи аломатгузории сарҳади ду кишвар муҳокима шудааст.

Ёдовар шудан бамаврид аст, ки дарозии марзи давлатии Тоҷикистону Ӯзбекистон 1332 километрро ташкил медиҳад, аммо дар тӯли беш аз 25 соли ҳукмронии Ислом Каримов, раиси ҷумҳури қаблии Ӯзбекистон масъалаи аломатгузории марз ҳалношуда монд.

## СТИПЕНДИЯИ САФИРИ ЧИН БА ДОНИШҶӮЁНИ ТОҶИК

**Ба 20 нафар донишҷӯи макотиби олӣ ва мактабхонҳои ҷумҳурӣ стипендияи сафири Чин дар Тоҷикистон дар соли ҷорӣ тақдим шуд.**

- Ин маросим рӯзи 26-уми сентябр дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон доир гардид,- хабар медиҳад Сафорати Чин дар Тоҷикистон.

Дар маросими мазкур ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор Қобилҷон Хушвахтзода, сафири Чин дар Тоҷикистон Сзи Шумин, роҳбарони дигар макотиби олии кишвар ва муҳассилини донишгоҳ ширкат варзиданд.

Ба гирифтани стипендия донишҷӯёни макотиби олии гуногун ва мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумии минтақаҳои мухталифи кишвар сазовор дониста шуданд.

## ӮЗБЕКИСТОН ЭЛЕКТРОМОБИЛ МЕСОЗАД

**Ширкати худравсозии "BYD"-и Чин дар Ӯзбекистон корхонаи мошинсозиро ба кор медарорад, ки дар он худравҳои гибрид ва барқӣ истеҳсол хоҳад шуд.**

Дар ин бора пойгоҳи хабарии Podrobno.uz хабар дод.

Гуфта мешавад, ки ин тавофуқот дар пайи мулоқоти Шавкат Мирзиёев, президенти Ӯзбекистон ва ҳайати ширкати "BYD" ҳосил шудааст.

## БОЗДИДИ 3,9 МИЛЛИОН САЙЁҲ АЗ ТОҶИКИСТОН

**Ба иттилои Кумитаи рушди сайёҳии Тоҷикистон дар панҷ соли охир ба Тоҷикистон беш аз 3,9 миллион гардишгар ворид гардидааст.**

Аз ҷумла соли равон шумораи шаҳрвандони хориҷӣ, ки бо мақсади хизматию истироҳатӣ ба Тоҷикистон омадаанд, 628 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин теъдод бештар аз 487 ҳазор нафар ҳамчун сайёҳ ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳамчунин Кумитаи рушди сайёҳии кишвар ёдовар шудааст, ки Тоҷикистон аз 1-уми январи соли гузашта барои ҷалби бештари сайёҳон ва сармоягузорони хориҷӣ барои шаҳрвандони 52 давлати хориҷӣ иқдоми яктарафаи воридшавии бе раводид ҷорӣ кардааст.



## ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА БЕРЛИН МЕРАВАД

**28-уми сентябр президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо сафари серӯза ба Берлин меравад ва бо раиси ҷумҳуру садри аъзами Олмон мулоқот анҷом медиҳад.**

Дар ин бора аз ҳадамоти матбуоти президенти кишвар хабар медиҳанд.

Интизор меравад, ки сарони дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ - Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон низ дар ин мулоқот ширкат кунанд.

"Сарвари давлат бо сарони дигари кишварҳои Осиёи Марказӣ бо раиси ҷумҳури Олмон Франк-Валтер Штайнмайер дар Берлин мулоқот анҷом медиҳанд",- гуфт ҳамсуҳбати мо.

Манбаъ афзуд, ки мавзуҳои асосии гуфтугӯ таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ ва иқтисодӣ, инчунин масъалаҳои ҳамкориҳое ҳастанд, ки барои минтақа ва Олмон муҳиманд.

## САРИ САБЗ



**Асланшо РАҲМАТУЛЛОЕВ, Ҳунарманди халқии Тоҷикистон**

**- "Оина"-ро мо ҳунармандони зинда офаридем. Онҳое, ки театр ба онҳо такя мекард. Ин театр ҳеҷ вақт биное бо номи театри "Оина" надошт. Ҳоло ҳам надорем. Ҳар гӯшаро кирo мекунем ва ҳамонҷо тамринҳоро мегузаронем.**

*- Офаринатон! Ҳунарманди асил бояд ана ҳамин хел бошад. Ҳунарманде, ки ҳирфаи асту пуртоқат ва касбашро дӯст медорад, дар болои санг ҳам ҳунарашро нишон медиҳад.*



**Шаҳноза ҲАКИМОВА, мутахассиси Social Media Marketing**

**- Бозорёбҳо оҳуи ҷодугар ҳастанд, ки ба ширкат меоянд ва бо сум задани худ пул пайдо мекунанд. Барои он ки бозорёби бартар шавам, бояд таҷрибаву дониши бештар дошта бошам ва бояд мисли корофарин фикр кунам.**

*- Агар ҷоду таъсир накунад чӣ? Масалан агар оҳу ба ширкате ояд, ки дар муҳиташ корофаринӣ кардану пул ёфтан душвор бошад, сумҳояш захмиву дардманд намешаванд?*



**Далерҷон АББОСЗОДА, сартабиби Беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан**

**- Табиб бояд пеш аз ҳама равоншиноси хуб бошад, то тавонад беморонро бо сухан руҳбаланд намояд. Бояд бо беморон чунон муомила кунем, ки аз ҷиҳати равонӣ руҳбаланд шаванду навмедию ранҷро то андозае аз дилашон дур намоянд.**

*- Беҳтарин ақида ва барои навтабибон омӯзанда! Аммо, агар боз саховатмандӣ нишон додаву ройгон табобат кунед, даҳчанд руҳбаланд шудаву то андозае не, пурра аз навмедӣ мебароянд.*

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА, муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР, муҳаррир

Талбак НАЗАРОВ, раиси "Сандуқи хайрияи Тоҷикистон", академик

Фарҳод РАҲИМӢ, Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик

Шералӣ КАБИР, вазири саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон

Масъуди МИРШОҲӢ, раиси Бунёди Рӯдакӣ (Фаронса)

Қозидавлат ҚОИМДОДОВ, сиёсатмадор

Адаш ИСТАД, нависанда (Ӯзбекистон)

Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Фазлиддин АСОЗОДА, муҳаррири сомонаи Pressa.tj

Умед СУЛТОНОВ, саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

# ДАР 10 РӮЗ 100 СОМОНӢ ҚИММАТ ШУД

## нигаронии сокинон аз болоравии нархи орд

**Нархи орд, яке аз маҳсулоти асосии ғизоӣ дар Тоҷикистон тайи 10 рӯзи охир якбора боло рафт. Ин боиси нигаронии сокинони кишвар шудааст.**



Коршиносон мегӯянд, ки дар як ҳафта нархи орд 18% қиммат шудааст, ки давоми чанд соли охир бесобиқа аст.

Феълан дар бозорҳои кишвар як халта орди навъи якум 330-340 сомонӣ арзиш дорад. 10 рӯз пеш халтаи 50 кг 270 сомонӣ буд.

Садриддин Иброхимов - сокини шаҳри Душанбе барои харидани орд ба бозори "Меҳргон" омадааст. Мегӯяд, ки барояш таъмини оилаи 6-нафара хеле душвор шудааст.

"Мо гӯшт намехӯрем, ғизои асосии мо орд аст. Наход дар як ҳафта нархи орд қариб 100 сомонӣ гарон шавад!? Мо аз куҷо шиками фарзандонамонро сер мекунем? Масъулин ба кучо нигоҳ мекунанд?",- мегӯяд ӯ.

Тоҷирон мегӯянд, ки сабаби гароншавии орд на ба онҳо, балки ба хориҷи кишвар вобаста аст.

"Айб дар мо нест, мо ҳам ордро харида мефурӯшем. Баъди ҷанги Русияву Украина ҳама чиз қиммат шуд",- мегӯяд савдогари орд Ҳукмиддин.

Тоҷири дигар Исмоил низ сабаби болоравии нархи ордро омили берунӣ арзёбӣ намуд: "Нархи гандум дар Қазоқистон гарон шудааст. Айб дар ҳамин. Сабаби дигаре нест".

Коршиносон сабаби дигари гаронии нархро ба номусоид омадани обу ҳаво рабт медиҳанд. Аз Хадамоти зиддиинҳисории Тоҷикистон мегӯянд, ки бориши зиёд дар Қазоқистон ва дер ҷамъоварӣ кардани ҳосилу талаф ёфтани гандум боиси боло рафтани нархи он шудааст.

Масъулини хадамот мегӯянд, ки аз ҳисоби захираҳои моддии назди Ҳукумати Тоҷикистон чанд маротиба намоишгоҳ ташкил кардаанд, то нархҳо боло наравад. "Дар намоишгоҳи мо нархи як халта орд 260 сомонӣ буд",- гуфт як масъули хадамот.

Ҳоло нархи як тонна гандуми воридотӣ аз Қазоқистон ба Тоҷикистон 350 доллари амрикоӣ пешбинӣ шудааст. Ин дар ҳолест, ки чаҳор моҳ пеш аз 240 то 260 доллар буд.

Тибқи иттилои расмӣ, дар ҳашт моҳи имсол аз ҷониби 61 ширкат ба Тоҷикистон зиёда аз 590 ҳазор тонна гандум оварда шудааст.

Тоҷикистон наметавонад талаботи сокинонро аз ҳисоби кишти гандуми худӣ бароварда созад. Қаблан масъулони Вазорати кишоварзӣ гуфта буданд, ки талаботи солонаи сокинон ба орд тақрибан якуним миллион тонна аст ва барои истеҳсоли ин миқдор ғалла замини кишт надоранд.

Сокинон мехоҳанд, ки мақомот роҳи ҳалли ин мушкилро зудтар ёбанд.

**Д. ҚОДИРПУР,**
**журналист**

# ЧАРО ДАР БОЗОРҲО НАЗОРАТ НЕСТ?

**Ҳанӯз замони давлатдории Сомониён (асрҳои IX-X) дар қатори якчанд девонҳо (вазоратҳо) "Девони муҳтасиб" фаъолият мекард, ки он фаъолияти бозорҳо, тарозу ва сифати молҳои фурӯширо назорат мекард. Ин девон метавонист фурӯши молҳои қалб ва бесифатро боздорад ва бо нархи гарон фурӯхтани маҳсулотро манъ кунад.**



Вале дар асри XXI, ки мо зиндагӣ мекунем, дар бозорҳои кишварамон ҳанӯз низоми муайяни нарху наво риоя карда намешавад. Беназоратӣ аз тарафи маъмурияти бозорҳо ва ниҳодҳои дахлдор ба ҳадде аст, ки дар бозорҳо касе чӣ қадаре хоҳад, ба маҳсулот нарх мегузорад. Хусусан, чунин ҳолат дар бозорҳои "Саховат" ва "Бозори деҳқон" ба чашм мерасад.

Чун сухан аз "Бозори деҳқон" рафт, бояд бигӯям, ки ин бозор ба таъмиру навсозӣ ниёз дорад. Зеро дар тобистон дар он ҷангу хок ва зимистон лою гил ба пой меҷаспад. Аз нарасидани рафҳои фурӯшгоҳ аксар фурӯшандаҳо бо маҳсулоташон дар замин мешинанд. Хуб мебуд, ки ин бозор таҷдиду навсозӣ шавад.

Акнун дар бораи нарху наво дар бозорҳо, ки касе онро назорат намекунад. Барои мисол як нони бӯлка (хлеб) 4-6 сомонӣ арзиш дорад. Кулчаҳои вазнашон 150 грамм 2-3 сомонӣ, нону фатирҳои 200-300-грамма аз 5 то 10 сомонӣ, нонҳои очагии дегдонӣ 15-20-25 ва то 30-35 сомонӣ арзиш доранд, ки аз рӯйи инсоф нест.

Гӯшт дар бозорҳои кишвар аз 70 то 80 сомонӣ фурӯхта мешавад. Як навъи гӯшти 55 сомонӣ ҳам ҳаст, ки харобу лоғар буда, қобили истеъмол нест. Чунин маҳсулоти пастсифату зарароварро маъмурияти бозор ба фурӯш набояд роҳ диҳанд.

Имсол дар кишвар нархи мева осмонӣ шуд. Албатта, ин ба номусоид омадани обу ҳаво ҳам иртибот дорад. Вале ҳолдонҳо мегӯянд, ки аксари меваҷоти кишвар ба хориҷ содирот мешавад. Яъне хориҷиҳо аз меваҳои мо лаззат мебаранду мо ангуру себи қимматро дар бозор тамошо мекунем.

Нарху навои баъзе маҳсулоти дар Тоҷикистон истеҳсолшударо дида, кас ангушти ҳайрат мегазад. Ба наздикӣ ба бозори "Меҳргон" сар халонидам. Нархи як кг писта аз 150 сомонӣ оғоз мешавад. Навиштаҷоти 160-ро дар болои ғӯлинг дида, хуш аз сарам парид. Инсоф ҳам лозим аст. Наход ғӯлинг 150-200 сомонӣ бошад?

Пас суоле ба миён меояд, ки ниҳодҳои дахлдор ба куҷо менигаранд? Чаро нарху навои бозорҳоро ба танзим намедароранд?

**Э. КАМОЛЗОДА,**
**нафақагир**

*Мавқеъ*



Ато **МИРХОҶА,**
адиб

## НОМ

*Магар араб модари тоҷик аст?*

**Форсизабонон, минҷумла тоҷикон яке аз миллатҳоеянд, ки ҳазорон ҳазор ном доранд ва теъдоди номҳои нав ба наву тоза ба тоза сол то сол бисёртару бисёртар мегардад.**

Шеваи номгузорӣ вобаста ба фазои сиёсию иҷтимоӣ ва бовару рухияи ҳар давр дигаргун мешавад. Ба ибораи дигар, ҳар марҳалаи муайяни таърихӣ номҳои ба худ хоси одамонро ба вуҷуд овардаю меоварад.

То замони истилои араб тамоми номҳои эронитаборон тоҷикӣ-форсӣ буд. Барои мисол, дар "Шоҳнома" ягон номи арабӣ ё туркӣ нест.

Пас аз он, ки тоҷикон таҳти таъсири арабҳо ҳувияти худро аз даст доданд, номҳояшон арабӣ шудан гирифт ва ин, бахусус, дар хонаводаҳои хурофотзада ба ҳукми анъана даромад. Умар, Муҳаммад, Абубакр, Алӣ, Усмон, Фотима, Гулсум, Хадиҷа, Оиша чунон худӣ шуданд, ки гӯё модари тамоми тоҷикон занҳои араб бошанд.

Пас аз тохт овардани турку муғул дар баробари номҳои арабӣ дар миёни тоҷикон номгузории муғулию арабӣ ривоҷ ёфт, чун Арслону Темуру Чингизу Ӯзбаку Турку Беку Қулу Хотуну Бегиму ҳоказо.

Бадбахтона, турке, арабе, муғуле, русе, фарангиеро дуҷор намеоӣ, ки номи Тоҷикро ба фарзандаш гузошта бошад, ё номи тоҷикиро.

Ба сабаби яктопараст набудани юнониҳо ва мусалмон набудани русҳо номҳои юнонӣ ва русӣ дар байни тоҷикон камтар роиҷ гаштанд, ғолибан онҳое гузоштанд, ки ё атеист буданд ё дин дар зеҳнашон он қадар таъсир надошт.

Мутаассифона, дар муддати солҳои охир номгузории туркию муғулӣ ва арабӣ чунон ба фарҳанги мо даромаду ҷои номҳои зебои тоҷикиро танг кард, ки баъзан фикр мекунӣ, ки дар Тоҷикистон ҳамагӣ 3-4 дарсад тоҷик боқӣ мондаасту халос.

Агар ҳамин тавр давом кунад, дар даҳ соли оянда номҳои тоҷикиро фақат 1 дарсади аҳолӣ нигоҳ хоҳад дошту бас.

Яъне зеҳни миллат башиддат арабӣ ва туркӣ шуда, ҳар қадар номи тоҷикӣ-форсиро аз даст бидиҳем, ба ҳамон андоза фарҳанги худро барои худ бегонатар месозем ва хислати мо ҳам арабию туркӣ мешавад!

# ТАШРИФИ ҲАЙАТИ БАТР БА БМТ





**25-уми сентябри соли 2023 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо ҳайати Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) таҳти роҳбарии директори иҷроияи департаменти БАТР оид ба ҳамкорӣ бо институтҳои молиявӣ ҷаноби Франсис Малиж вохӯрӣ анҷом дод.**

Дар мулоқот муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода, директори департаменти БАТР оид ба ҳамкорӣ бо институтҳои молиявии Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ва Туркия Георгий Орлов, роҳбари амалиёти департаменти БАТР оид ба ҳамкорӣ бо институтҳои молиявии Осиёи Марказӣ Ҷаҳонгир Шамсиев, директор оид ба стратегияи иқлим ва татбиқи лоиҳа дар БАТР Мая Хеннеркес, иқтисодчии бахши маблағгузории иқтисоди сабз ва коршиноси БАТР Данин Чунг, директори генералӣ оид ба хавфҳои БАТР Лоуренс Уилсон ва бонкдори пешбари департаменти БАТР оид ба ҳамкорӣ бо институтҳои молиявӣ дар Тоҷикистон Баҳодур Юсупов иштирок намуданд.

Зимни суҳбат ҷонибҳо вазъи кунунии бахши молиявӣ ва низоми бонкии кишвар, тавсеаи ҳамкориҳои минбаъдаро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода дар оғоз ба БАТР барои ҳамкории бисёрсолаи судманд арзи сипос намуда, қайд кард, ки ин аз зиёд шудани имконияти фаъолияти густурдаи БАТР дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳад.

Номбурда саҳми БАТР-ро дар таҳкими низоми бонкии кишвар, аз ҷумла тақвияти бахшидани идоракунии корпоративӣ, рушди бозори асъор ва сармоя, мукаммал гардонидани сиёсати пулию қарзӣ, инчунин баланд бардоштани тахассуси кормандони бахши низоми бонкии мамлакат назаррас арзёбӣ намуд. Таъкид гардид, ки БАТР бо бахши низоми бонкии кишвар дар ташкили машғулиятҳои бозомӯзӣ барои иштирокчиёни бозори молиявии Тоҷикистон фаъолона ҳамкорӣ мекунад, ки он барои пешрафти иқтисодии кишвар муҳим мебошад.

Дар идомаи вохӯрӣ ҷонибҳо дар бораи оғози марҳилаи дуюми маблағгузории иқтисоди сабз, хавфҳои тағйирёбии иқлим, дастгирии имкониятҳои рушди устувори бозори суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сармоягузории ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ҳавасмандии Бонки миллии Тоҷикистон барои идомаи ҳамкорӣ бо БАТР мубодилаи афкор намуда, барои тавсеа бахшидани ҳамкориҳои судманд дар оянда омодагии хешро баён намуданд.

Зимни мулоқот директори иҷроияи департаменти БАТР оид ба ҳамкорӣ бо институтҳои молиявӣ ҷаноби Франсис Малиж қаноатмандона иброз дошт, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нишондиҳандаҳои хуби иқтисодӣ ноил гаштааст.

Мавсуф ҳамчунин аз ҳамкории мутақобилаи судманди бисёрсолаи БАТР бо низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид дошт, ки БАТР бо истифода аз имконияти мавҷудаи худ дар амалӣ гардонидани ислоҳот дар бахшҳои суғурта ва низоми пардохт, аз ҷумла пардохтҳои ғайринақдӣ ва хизматрасонии рақамии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъди ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” муҳимияташ бештар гардид, кумакҳои техникӣ хоҳад расонд.

# БМТ: ҲОКИМ ХОЛИҚЗОДА ВА ЭРВЕ ЖОЛИ МУЛОҚОТ НАМУДАНД





**25-уми сентябри соли 2023 мулоқоти раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо директори Институти Муттаҳидаи Вена (JVI) ҷаноби Эрве Жоли баргузор гардид, ки дар рафти он масъалаҳои ҳамкории дуҷониба дар самтҳои нави бозомӯзии мутахассисон ва роҳандозии чорабиниҳои таълимӣ мавриди баррасии ҷонибҳо қарор дода шуданд.**



Дар мулоқот инчунин муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир иштирок ва суханронӣ намуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ташрифи директори Институти Муттаҳидаи Вена (JVI) ҷаноби Эрве Жолиро ба Бонки миллии Тоҷикистон хайрамақдам гуфта, ба Институти Муттаҳидаи Вена барои ҳамкориҳои судманд ҷиҳати ташкили чорабиниҳои омӯзишӣ, ки дар сатҳи олии ҳирфаӣ доир гашта, мавзуҳои муҳими бахшҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва бонкиро дар бар мегирад, миннатдорӣ баён намуд.

Дар рафти вохӯрӣ қайд карда шуд, ки Институти Муттаҳидаи Вена яке аз институтҳои пешбари молиявӣ маҳсуб ёфта, барои баланд бардоштани дараҷаи тахассуси кормандони ташкилотҳои молиявии давлатӣ ва бонкҳои марказӣ нақши босазо дорад ва саҳми он дар бахши баланд бардоштани дониши тахассусӣ ва омода намудани мутахассисони бахши иқтисод ва молия назаррас арзёбӣ мегардад.

Чорабиниҳои омӯзишӣ, ки аз ҷониби Институти мазкур ташкил карда мешаванд, доираи васеъ, аз қабили таҳияи сиёсат ва идораи макроиқтисодӣ, сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, устувории молиявӣ, баҳисобгирии макроиқтисодӣ ва молиявӣ, ҳамчунин дигар мавзуҳои тахассусиро дар бар мегиранд.

Қайд гардид, ки дар давоми солҳои ҳамкорӣ беш аз 500 нафар кормандони сатҳҳои гуногуни Бонки миллии Тоҷикистон дар чорабиниҳои таълимии роҳандозинамудаи Институти мазкур иштирок ва сатҳи донишу малакаи худро баланд намуданд.

Директори Институти Муттаҳидаи Вена (JVI) ҷаноби Эрве Жоли барои пазироии самимӣ арзи сипос намуда, иброз дошт, ки вохӯрии имрӯза барои ташкилоти онҳо хеле муҳим аст. Зеро ин аввалин сафари кории ӯ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, номбурда нахустин мулоқоти худро аз Бонки миллии Тоҷикистон оғоз намуд.

Дар интиҳои суҳбат Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бори дигар ба Институти Муттаҳидаи Вена (JVI) барои ҳамкорӣ ҷиҳати ташкили чорабиниҳои таълимӣ арзи сипос намуда, изҳори боварӣ намуд, ки минбаъд чорабиниҳои таълимӣ барои мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон аз ҷониби Институти мазкур зиёд мегарданд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

*Ҳамоиш*

# “ДУШАНБЕ-ИНВЕСТ 2023”

## *Форуми байналмилалӣ дар пойтахт*




**Рӯзҳои 29-30-юми сентябр ҳамоиши байналмилалии сармоягузории “Душанбе-Инвест 2023” дар пойтахти Тоҷикистон баргузор мешавад.**

Дар ин ҳамоиш намояндагони кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, вазорату кумитаҳо ва сохторҳои дигари кишвар ширкат хоҳанд кард.

Маросими ифтитоҳи ҳамоиш дар Кохи Истиқлол баргузор гардида, дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо ҷаласаҳои панелӣ идома меёбад.

Зимни ҳамоиш мавзуъҳои “Имкониятҳои сармоягузории шаҳри Душанбе”, “Саноат - омили асосии рушди иқтисод ва заминаи мусоиди сармоягузорӣ”, “Тоҷикистон - кишвари энергетикаи сабз”, “Иштироки бахши хусусӣ дар энергетикаи рушд”, “Нақши низоми молиявӣ дар рушди соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя” ва ғайра барассӣ мешаванд.

Дар рӯзи дуюми анҷуман ширкаткунандагон аз корхонаҳои саноатии шаҳрҳои Душанбе, Норак ва Турсунзода дидан карда, бо фаъолияти онҳо ошно мешаванд.

Ҳадаф аз баргузории ҳамоиш муаррифии шароиту имкониятҳо, барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар Тоҷикистон, ҷалби сармоягузорӣ, роҳандозӣ ва таҳкими ҳамкориҳо байни ширкатҳои ватанӣ ва сармоягузорони хориҷӣ, инчунин фароҳам овардани имкониятҳо барои рушди тиҷорати рақамӣ бо мақсади амалӣ намудани мақсади чоруми стратегӣ - индустрикунонии босуръати мамлакат аст.

*Намоишгоҳ*

# “TAJBUILD-2023”

## *Сохтмончиёни 5 кишварро ба ҳам меорад*

**Дар Душанбе Намоишгоҳи байналмилалии “TajBUILD-2023” аз 12 то 14-уми октябр баргузор мегардад, ки дар он ширкатҳои сохтмонӣ аз 5 давлати хориҷӣ иштирок менамоянд.**

Дар намоиши “TajBUILD-2023” беш аз 80 ширкати сохтмонӣ аз Федератсияи Русия, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Эрон, Туркия ва Тоҷикистон иштирок менамоянд. Дар намоишгоҳ масолеҳи сохтмонӣ, техникаю таҷҳизот, асбоб ва либосҳои махсуси сохтмонӣ, таҷҳизоти муҳандисиву иртиботӣ ва меъморӣ ба намоиш гузошта мешаванд.

Таъкид шудааст, ки ширкатҳои иштирокдор дар намоишгоҳ масолеҳи сохтмонӣ, техникаю таҷҳизот, асбоб ва либосҳои махсуси сохтмонӣ, таҷҳизоти муҳандисиву иртиботӣ ва меъморияшонро пешниҳоди тамошобинон ва шарикони эҳтимолӣ хоҳанд кард.

Намоишгоҳ майдони бузурги имконият барои баркарор намудани робитаҳои тиҷоратӣ ва табодули таҷриба бо намояндагони соҳаи сохтмонӣ хоҳад буд. Иштирокдорон метавонанд дар доираи ин намоишгоҳ шарикону ҳамкорони ҷадид пайдо кунанд.




*Нигаронӣ*

# ХОНАИ АРКДОР

## *Бинои таърихии Душанбе тахриб мешавад?*



**Сарнавишти “хонаи аркдор” дар кӯчаи Беҳзод 2 то ҳол номаълум аст. Охири моҳи июл хабаре нашр шуд, ки ин бино тахриб мешавад.**

Ба гуфти яке аз сокинон, бино тибқи Нақшаи генералии шаҳри Душанбе тахриб ва ба ҷойи он биноҳои истиқоматии бисёрошёна бо марказҳои савдо ва хизматрасонӣ бунёд мешавад. Иморатҳои навро ҶДММ “Шаҳри зебои мо” бунёд мекунад. Тибқи иттилои ширкат, ба ҷойи “хонаи аркдор” 3 блок бинои нав бунёд шуда, дар ошёнаҳои 1 ва 2 марказҳои савдо ва хидматрасонӣ, дар таххона бо карори раиси шаҳри Душанбе таваққуфгоҳҳо ҷойгир хоҳанд шуд.

Вале сокинон аз шартҳои сохтмончӣ розӣ нестанд. Геннадий Ратушенко - яке аз истиқоматкунандагони “хонаи аркдор” пешниҳоди тиҷоратии ҶДММ “Шаҳри зебои мо”-ро расонаӣ кард.

“Хариди хона - $800 барои 1 метри мураббаъ. Фурӯши фазои иловагӣ бо фарқияти $800 барои 1 метри мураббаъ. Пардохти иҷораи хонаҳо ҳангоми ивази кардани манзил - якҳуҷрагӣ ($250), дуҳуҷрагӣ ($300), сеҳуҷрагӣ ва берун аз он ($350). Мӯҳлати холӣ кардани иҷорахона 15 рӯз аст ва мӯҳлати сохтмон 2 сол”.

Ба гуфтаи суратгир ва мудири хона Геннадий Ратушенко, сокинони ин хона аз нархнома қаноатманд набуда ва ба тахриби манзил розӣ нестанд.

Ба гуфтаи муаррих Ғафур Шерматов, хона дар кӯчаи Беҳзод 2 охирин хонаи душанбегиест, ки аз рӯи тарҳи сохтмонҳои сталинӣ сохта шудааст. Арк бо панҷараи оҳанин як услуби хоси меъмории Қасри зимистонист.

*Озмун*



# МУРАББИИ КӮДАКИСТОН - “БЕҲТАРИН ОМӮЗГОРИ СОЛ”

**Мураббии кӯдакистони рақами 119-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Шукрона Мадиева ғолиби даври ҷумҳуриявии озмуни “Муаллими соли Тоҷикистон-2023” гардид. Дар ин бора Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе иттилоъ додааст.**

Даври ҷумҳуриявии озмун рӯзҳои 21-23-юми сентябр баргузор шуда, дар он ба ҷуз аз Шукрона Мадиева боз 4 нафар омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ: №24 Бохтари вилояти Хатлон Мастура Алимзода, №4 ноҳияи Бобоҷон Ғафуров вилояти Суғд Марҳабо Бобоҷонова, №8 Ҳисор Фариза Ғафурова ва №5 ВМКБ Саврина иштирок намудаанд.

Мусобиқа дониш ва маҳорати касбии муаллим, қобилияти ташкили меҳнат ва ғайраро ошкор намудааст. Ҳадаф аз баргузории озмун баланд бардоштани мақоми мураббӣ, сатҳу сифати таълиму тарбияи томактабӣ ва нақши мураббиён дар рушди ҷомеаи имрӯза мебошад.

Маросими ҷоизасупорӣ ба ширкаткунандагон ва ғолибони озмун рӯзи 30-юми сентябр бахшида ба Рӯзи омӯзгорон баргузор мешавад.

*Конфронс*

# ҲАМОИШИ AECDE ДАР ДУШАНБЕ

**ҶСП “Депозитарийи марказӣ (Тоҷикистон)” дар ҳамкорӣ бо Котиботи Ассотсиатсияи депозитарийҳои марказии коғазҳои қимматноки АвруОсиё (АССД) рӯзҳои 21-22-юми сентябр дар шаҳри Душанбе Конфронси 19-уми байналмилалии ХКИШ-ро бо муваффақият баргузор намуд.**

Ин чорабинии муҳим, ки намояндагони ҷомеаи молии Арманистон, Русия, Эрон, Тоҷикистон, Туркия, Ӯзбекистон ва Қазоқистон, инчунин вакилони Росбанк ва Райффайзенбонкро гирди ҳам овард, бо кӯшиши ҶСП «Амонатҳои марказӣ» бо дастгирии сарпарастон: ҶСК Биржаи Москва MICEX-RTST (сарпарасти тилло), Cbonds (сарпарасти нуқра), ҶСК Депозитарияи марказии коғазҳои қимматнок (Қазоқистон, сарпарасти нуқра), ҶСК депозитарии махсусгардонидашудаи INFINITUM (сарпарасти биринҷӣ), ҶСК Биржаи фондии Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон), ҶДММ Prime Invest ва ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» (сарпарасти биринҷӣ) баргузор гардид.



*Иқтисод*

# ТОҶИКИСТОНУ БЕЛОРУС

## *Тавсеаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ*

**Дар шаҳри Душанбе 28-уми сентябри соли равон Анҷумани кории Тоҷикистон ва Белорус баргузор мегардад. Дар ин бора Палатаи савдо ва саноати Тоҷикистон хабар медиҳад.**

Ба иттилои манбаъ, анҷумани корӣ мақоми ҳамоҳангсоз ва машваратӣ буда, ҳадафи он баланд бардоштани самаранокии муносибатҳои тиҷоратӣ байни ташкилоту ассотсиатсияҳои Белорус ва Тоҷикистон, инчунин муайянкунӣ ва рафъи монеаҳо дар роҳи тавсеаи ҳамкории тиҷоратию иқтисодии дуҷониба ба шумор меравад.

Қайд карда шудааст, ки дар анҷуман баррасии масоили кунунии ҳамкории тиҷоративу иқтисодии дуҷониба ва муаррифии ширкатҳои Белорус дар назар аст.

*Нигаронӣ*

# ВАҚТЕ ҲАМСОЯ БА САРАМ СИЛОҲ ГУЗОШТ...

**Ҳар замон чанд воқеаи ногувори дар солҳои 1992-1993 рухдода ба хотирам омада, азиятам медиҳанд. Баъзе ашхоси рӯйхунукро мебинаму алаҳда мешавам.**

Он солҳо банда дар корхонаи ордбарории ноҳияи Ҳисор фаъолият доштам. Вазифаи ман таъминоти корхона бо қисмҳои эхтиётӣ буд. Бо ГАЗ-53-и корхона то сарҳади Ӯзбекистон рафта, аз комбинати ордбароии ноҳияи Шӯрча қисмҳои эхтиётии барои корхонаамон даркориро меовардам. Аз он ҷо низ кормандон ба комбинати мо омада, қисмҳои эхтиётии барояшон лозимаро гирифта мебурданд.

Ман аз маркази ноҳия 18 километр дур мезистам. Ҳаракат мекардам, ки пагоҳии барвақт ба корхона расида равам. Он вақт дар ҳар ҷо дидбонгоҳ бунёд карда буданд, ки "пост" мегуфтанд. Аз "Пости Фарҳод", ки дар истгоҳи деҳаи Латтахорак қарор дошт, бемамоният гузаштам, чунки ҷанговарон ("боевик")-ҳои Фарҳод ҳама шинос буданд. Пас аз кор бегоҳӣ аз корхона соати 17 баромадам, бо "Москвич"-ам ба шоҳроҳи Душанбе-Турсунзода омада, баъд ба гардиши дараи Алмосӣ тоб хӯрдам. Як "Жигули"-и сиёҳранг аз пушт меомад. Аз оинаи мошинам нигаристам. "Боевик" бо шитоб мошин меронд. Суръатро паст кардам, то ки ӯ аз мошини ман гузарад. Не, нагузашт. Мошинро тез рондам, ӯ низ суръатро афзуд. Дар дилам сиёҳие пайдо шуд. Ба вагон, ки пости боевикҳо ҳисоб меёфт, расидам. "Жигули" аз ман гузашту дар назди вагон истод ва ҷониби ман ишораи истодан кард. "Боевик" аз мошинаш берун шуду ба "боевик"-и нигаҳбон фармон дод: "Тщательно проверяйте!". Он нигаҳбони автоматбадаст мошини маро пурра аз назар гузаронд. Ман аз мошинам фуромада, ба он "боевик"-и автоматбадаст гуфтам: "Бародар, ман ҳар рӯз аз ин роҳ ба кор рафта меоям. Ягон гуноҳ надорам, дар мошинам чизе нест". Он командир ба ҷойи ҷавоб мили автоматашро ҷониби ман рост кард, аз тарс қариб буд либоси тагамро тар кунам. Дар ин ҳангом чизе ба хотираш расид, ки зуд ба вагон даромад ва аз ин фурсати муносиб истифода бурда, нигаҳбон маро ҷавоб дод. Худо мададгорам шуд. Зеро он вақт ҷӣ гуна мехостанд, фарзанди одамро чазо медоданд ва касе "чаро?" ва "барои чӣ?" гуфта намепурсид.

Он командире, ки маро паррондан хост, сокини ҳамсоядеҳа аст. Замони Шӯравӣ бо чанд нафар монтёр симчӯб мешинонду сим-ноқилҳо мекашид. Нағз мешиносамаш. Чанд бор ба хона даъват карда, дастархон кушодаам. Ба дасташ "Калашников" гирифтаасту маро намешиносад.

Солҳо гузаштанд. Сулҳу ваҳдат, ки мардум интизораш буданд, расид. Баъзан башараи хунуки он махлукро мебинаму асабам вайрон мешавад. Дидан намехоҳам, вале беихтиёр назарам меафтаду "Рӯта Бовалӣ бинад" мегӯям...

**Шамсиддини ҚУДРАТ,**
**узви Иттифоқи байналмилалии журналистон**

*Хушхабар*

# КӮЛОБ: ЗАРАРДИДАГОН СОҲИБИ ХОНА МЕШАВАНД



**Бахтиёр Назарзода, шаҳрдори Кӯлоб аз раванди бунёди 4 хонаи истиқоматӣ барои оседидагони садамаи нақлиётӣ, ки 6-уми августи соли равон дар ин шаҳр рух дода буд, боздид кард.**

Тибқи иттилои шаҳрдории Кӯлоб, то ин дам бахше аз хонаҳо дорои болопӯш гардида, дару тиреза ва дигар корҳои васлу насб ба анҷом расидааст. Қарор аст, ки ин хонаҳо то анҷоми фасли тирамоҳ ба соҳибонашон тақдим мешаванд.

Ёдовар мешавем, ки 6-уми август дар натиҷаи бархӯрди "Дулан" дар назди бозори "Сомониён"-и шаҳри Кӯлоб 12 кас ҷон бохта, беш аз 10 каси дигар захмӣ шуда буданд. Аз ҷумла 4 манзили истиқоматӣ низ валангор гардида буд.



## ШАҲРВАНДИ ИФТИХОРИИ ХУҶАНД

**Дар таҷлили Рӯзи шаҳри Хуҷанд панҷ шахсияти дигар ба феҳристи шаҳрвандони ифтихории Хуҷанд шомил шуданд.**

**Инҳо:**

*1. Матлуба Азимова, доктори илми суханшиносӣ, прафессор;*

*2. Муҳиддин Файзуллоев, датсенти Донишгоҳи Ғафурови шаҳри Хуҷанд;*

*3. Ғафур Ҷӯраев – ҳайкалтарош, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, прафессор;*

*4. Диловар Носиров – соҳибкор ва муассиси ҶСК «Бонки Эсхата»;*

*5. Низомҷон Маҳмудов, собиқадори мақомоти корҳои дохилӣ.*




## «КАРИМИ ШИШ» - РОМАНИ НАВИ ЗАРИФ ҒУЛОМ

**Муассисаи нашриявии «Адиб» романи нависандаи шинохтаи тоҷик Зариф Ғуломро таҳти унвони «Карими Шиш» ба нашр расонид.**

Романи мазкур дар бораи саргузашти ғамангези ҳунарманди беҳамто Абдукарим Ёрмаҳмадов, ки ҳамчун Карими Шиш маъруф аст, қисса мекунад. Роман воқеаю ҳодисаҳои се даҳсолаи аввали асри XX-ро дар бар мегирад. Ҷуғрофияи асар низ фарроҳ буда, ҳодисаю воқеаҳои дар мулку вилоятҳои Тоҷикистону Афғонистон рухдода тасвир ёфтаанд. Дар асар қаҳрамонони мусбату манфӣ ва шахсони таърихӣ, аз қабили Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ, Сайдалӣ Вализода, Акашариф Ҷӯраев ва беки бераҳму золими Балҷувон Раҳимбий иштирок доранд.

Дар нашри китоб адиби тоҷик Умари Шерхон ба хайси муҳаррир ва рассоми ҷавони тоҷик Меҳроб Азимов, ки бори нахуст портрети Карими Шишро тасвир кардааст, саҳм гузоштаанд.

*Ҳама чиз дар бораи IT*



*Муаллифи гӯша:*
**Максим ШУМСКИХ,**
Директори генералии ширкати байналмилалии IT «Матадор»
**Аз ҳама ҷолиб дар Telegram:**
t.me/matador_it

# САФАРБАРНАМОИИ ПУРРА!

Дар ҷаҳони имрӯза, ки истифодаи дастгоҳҳои мобилӣ торафт маъмул гаштааст, доштани версияи мобилии сомона барои ҳар як ширкат ё тиҷорат ба як зарурати муҳим табдил меёбад. Дар ин мақола мо аҳамият ва бартариҳои версияи мобилии сомонаро дар муқоиса бо версияи мизи корӣ ошкор хоҳем кард.

### Трафики мобилӣ меафзояд

Маъруфияти афзояндаи дастгоҳҳои мобилӣ ва афзоиши ҳаҷми трафики мобилӣ версияи мобилии сомонаи шуморо мувофиктару ҷолибтар мекунад. Тибқи таҳқиқот, беш аз нисфи ҷустуҷӯҳо дар дастгоҳҳои мобилӣ анҷом дода мешаванд. Ба назар нагирифтани ин аудитория маънои аз даст додани муштариёни эҳтимолӣ ва кам шудани самаранокии ҳузури шумо дар интернетро дорад.

### Шароити хуб ва таҷрибаи беҳтари корбарӣ

Версияи мобилии сомона таҷрибаву шароити хубу қулайи корбариро бо сомонаи шумо дар дастгоҳҳои мобилӣ пешниҳод мекунад. Он барои экранҳои хурд мутобиқ карда шудааст ва интерфейсҳои навигатсияро равшантару мувофиқтар таъмин мекунад. Истифодабарандагон интизори боркашии зуд, пайдо кардани маълумот ва истифодаи қулай дар смартфонҳо ё планшетҳои худ мебошанд.



### Беҳтар сохтани мавқеъ дар системаҳои ҷустуҷӯӣ

Муҳаррикҳои асосии ҷустуҷӯ, ба монанди Google, ҳангоми рейтинги сомонаҳо фаъолнокии мобилиро ба назар мегиранд. Агар сомонаи шумо версияи мобилӣ надошта бошад, он метавонад дар натиҷаҳои ҷустуҷӯ пасттар ҷойгир шавад, ки боиси аз даст додани трафики органикӣ ва рақобатпазирӣ мегардад.

### Имконияти истифодаи функсияҳои дастгоҳи маҳаллӣ

Версияи мобилии сомона ба шумо имкон медиҳад, ки аз вазифаҳои дастгоҳҳои мобилӣ, аз қабили ҷойгиршавӣ, камера, микрофон ва ғайра истифода баред. Ин имкониятҳо навро барои муоширaт бо корбарон мекушоянд, аз қабили харитаҳои интерактивӣ, баррасиҳои аксҳо ва видеоҳо, дастурҳои аудиоӣ ва дигар хусусиятҳое, ки таҷрибаи корбаронро беҳтар мекунанд ва ба вокунишпазирии сомона мусоидат менамоянд.

### Бартарии рақобат

Доштани версияи мобилии сомона ба шумо нисбат ба онҳое, ки таҷрибаи ҷавобгӯи мобилиро таъмин намекунанд, бартарии рақобатпазирӣ медиҳад. Ин ба шумо имкон медиҳад, ки корбарони бештарро ҷалб намудаву нигоҳ доред, даркшавандагии бренди худ ва эътибори ширкатро беҳтар созед.

Дар хотима зикр кардан мехоҳам, ки версияи мобилии сомона ба ҷанбаи ҷудонашавандаи резидентии муваффақи онлайн дар Интернет табдил меёбад. Он шароити хубу роҳат фароҳам меорад, таҷрибаи корбаронро беҳтар мекунад, ба нигоҳ доштани мавқеи рақобат дар системаҳои ҷустуҷӯӣ мусоидат мекунад ва имкониятҳои навро барои ҳамкорӣ бо корбарон мекушояд. Дар асоси ин бартариҳо, эҷод ва нигоҳдории версияи мобилии сомона як зарурати стратегӣ барои ноил шудан ба муваффақият дар ҷаҳони рақамии муосир мегардад.

**Агар ягон суолатон боқӣ монда бошад, метавонед шахсан ба ман тавассути телеграмм нависед: @gkmatador**

*Ба Раиси Суди Олии ҶТ,*
*муҳтарам Шермуҳаммад Шоҳиён*



# СЕ КӮДАКИ НОБОЛИҒАМРО ДАР КӮЧА НАМОНЕД!

**Муҳтарам Шермуҳаммад Шоҳиён!**

Аз рӯйи адолат ва холисона баррасӣ нагардидани баҳси манзилии ман ва Ҳамидова Насибахон бо Сайдалиев Муйбулло дар Суди ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон ва аз ҷониби Суди вилояти Хатлон ба эътибор нагирифтани вазъу далелҳои мо маро водор намуд, ки тавассути матбуот унвонии Шумо муроҷиат намоям. Ҳадафи муроҷиати ман ба унвонии Суди Олӣ ин аст, ки маҳз Шумо метавонед адолати судиро барқарор намуда, ҳуқуқи конститутсионии ману се фарзанди ноболиғамро ба манзил барқарор созед.

Бо ҳалномаи Суди ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон аз 2-юми феврали соли 2023 даъвои Сайдалиев Муйбулло нисбати мо қонеъ карда шуда, бо қарори коллегияи судӣ оид ба парвандаҳои гражданиии Суди вилояти Хатлон аз 16-уми майи соли 2023 ҳалномаи номбурда бетағйир мононда шудааст.

Хулосаи суди марҳилаи якум дар бораи он, ки гӯё Сайдалиев Муйбулло соли 2015 дар сохтмони манзили баҳсӣ дар суроғаи шаҳраки Қубодиён, кӯчаи Ҷавонӣ, хонаи 6 иштирок кардаасту бо ҳамин асос ӯ дар ин манзил ҳуқуқи соҳибмулкӣ дорад, нодуруст буда, дар рафти мурофиаи судӣ бо ягон далели боэътимод тасдиқи худро наёфтааст. Аз баёноти тарафҳо дар маводҳои парванда дида мешавад, ки байни даъвогар Сайдалиев Муйбулло ва марҳум бародараш Сайдалиев Файзулло ягон намуд созишнома оид ба фаъолияти якҷояи сохтмонӣ баста нашудааст.

Аз маводҳои парванда бармеояд, ки манзили баҳсӣ аз соли 2002 то инҷониб дар соҳибӣ ва ихтиёрдории Ҳамидова Насибахон ва шавҳари ӯ марҳум Сайдалиев Файзулло қарор дошта, ин манзил дар ягон маврид таҳти соҳибӣ ва ихтиёрдории даъвогар Сайдалиев Муйбулло набуд. Даъвогар Сайдалиев Муйбулло дар манзили баҳсӣ истиқомат накардааст, дар қайди он намебошад ва нисбати ин манзил ягон ҳуҷҷати ҳуқуқмуайянкунанда надорад.

Хулосаи суд дар бораи он, ки гӯё "аз аризаи Кирик Илона Михайловна бармеояд, ки вай манзили истиқоматии баҳсиро ба Сайдалиев Муйбулло Хайруллоевич ба маблағи 5500 доллар фурӯхтааст", нодуруст мебошад. Аризаи Кирик Илона Михайловна далели судӣ шуда наметавонад, чунки нотариуси Федератсияи Россия танҳо дурустии имзои ӯро дар ариза тасдиқ намуда, дурустии баёноти ӯро ягон мақомоти давлатӣ ё судӣ тасдиқ накардааст.

Дар маводҳои парванда ба ғайр аз нишондоди се шоҳид, ки гӯё дар сохтмони манзили баҳсӣ дар соли 2015 иштирок карда бошанду гӯё маблағи кори онҳоро Сайдалиев Муйбулло дода бошад, дигар ягон далели боэътимод вуҷуд надорад. Суди марҳилаи якум парвандаро рӯякӣ дида баромада, доир ба парванда ташхиси сохтмонӣ-техникӣ таъин накарда, нархи бозаргонии манзили истиқоматӣ, имконияти ба ҳиссаҳо тақсим намудани онро умуман муқаррар накарда, бармаҳал дар бораи моликияти умумӣ будани манзил хулосаҳои нодуруст баровардааст.

Хулосаи суд дар бораи он, ки гӯё шаҳодатномаи мерос аз рӯи қонун пас аз шаш моҳ дода шудааст ва бо ҳамин асос ин шаҳодатнома беэътибор дониста мешавад, нодуруст буда, хилофи талаботи қонун мебошад. Суд байни мафҳумҳои "мӯҳлати қабули мерос" ва "мӯҳлати додани шаҳодатномаи мерос аз рӯи қонун" фарқгузорӣ накарда, хулосаҳои нодуруст баровардааст. Мӯҳлати шашмоҳа, ки дар қисми 3-и моддаи 1174-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1999) пешбинӣ шудааст, мӯҳлати қабули мерос мебошад, на мӯҳлати додани шаҳодатномаи мерос! Мӯҳлати додани шаҳодатномаи мерос дар қисми 2-и моддаи 1176-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1999) пешбинӣ шудааст.

Тавре аз маводҳои парванда бармеояд, Ҳамидова Насибахон пас аз вафоти шавҳараш Сайдалиев Файзулло дар давоми шаш моҳ амволи меросиро воқеан қабул намуда, ба соҳибӣ ва ихтиёрдорӣ кардани он шуруъ намудааст ва барои тасдиқи ҳолати воқеан қабул намудани мерос ба идораи нотариус маълумотномаҳои хаттии дахлдорро оид ба аз ҷониби ӯ воқеан қабул шудани мерос пешниҳод кардааст.

Хулосаи суди марҳилаи якум дар бораи он, ки гӯё Сайдалиев Муйбулло дар бораи вайрон гардидани ҳуқуқҳояш танҳо моҳи июни соли 2022 огоҳ шуда бошад ва бо ҳамин асос мӯҳлати сесолаи даъворо нагузаронидааст, нодуруст буда, бо ҳолатҳои воқеии парванда мувофиқат намекунад. Тавре аз маводҳои парванда бармеояд, Сайдалиев Муйбулло гӯё дар азнавсозии манзили истиқоматӣ соли 2015 саҳм гузоштааст, аммо аризаи даъвогӣ оид ба моликияти умумӣ эътироф намудани манзили баҳсӣ моҳи июли соли 2022, яъне пас аз 7 (ҳафт) сол ба суд пешниҳод карда шудааст. Аз

PRESSA.TJ

***Аз маводҳои парванда бармеояд, ки манзили баҳсӣ аз соли 2002 то инҷониб дар соҳибӣ ва ихтиёрдории Ҳамидова Насибахон ва шавҳари ӯ марҳум Сайдалиев Файзулло қарор дошта, ин манзил дар ягон маврид таҳти соҳибӣ ва ихтиёрдории даъвогар Сайдалиев Муйбулло набуд.***

маводҳои парванда дида мешавад, ки Сайдалиев Файзулло санаи 25-уми сентябри соли 2017 вафот кардааст, аммо даъвогар Сайдалиев Муйбулло пас аз 5 (панҷ) соли вафоти бародараш, яъне дар соли 2022 ба суд муроҷиат кардааст. Аз маводҳои парванда дида мешавад, ки шаҳодатномаи ҳуқуқ ба мерос аз рӯи қонун таҳти №4М-20 санаи 20-уми августи соли 2018 ба номи Ҳамидова Насибахон Менглиевна дода шудааст, аммо аризаи даъвогӣ моҳи июли соли 2022, яъне пас аз 4 (чор) сол ба суд пешниҳод карда шудааст. Ҳолатҳои номбурда аз он шаҳодат медиҳанд, ки даъвогар Сайдалиев Муйбулло мӯҳлати сесолаи даъворо, ки бо моддаҳои 221 ва 223-и Кодекси граждании (таҳрири соли 1999) пешбинӣ шудааст, бидуни сабабҳои узрнок гузаронидааст. Дар рафти мурофиаи судӣ даъвогар бо ариза дар бораи барқарор намудани мӯҳлати сесолаи даъво муроҷиат накарда, барои тасдиқи ҳолати бо сабабҳои узрнок гузаронидани мӯҳлати сесолаи даъво ба суд ягон далел пешниҳод накардааст.

**Муҳтарам Шермуҳаммад Шоҳиён!**

Айни замон шикоятҳои назоратии ман ва Ҳамидова Насибахон дар Суди Олӣ дар марҳилаи баррасӣ қарор доранд. Агар ҳалномаи ғайриқонунӣ қабулнамудаи Суди ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлон аз 2-юми феврали соли 2023 мавриди иҷро қарор гирад, ман ва се нафар фарзандони ноболиғам аз манзил маҳрум гардида, маҷбур мешавем бо кӯдакони ноболиғамон ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафта, кӯдаконамонро дар фазои саргардониву ғарибӣ, дар мамлакати бегона ба камол расонем.

Бо назардошти асосҳои дар боло овардашуда, аз Шумо эҳтиромона хоҳиш мекунам, ки муроҷиати маро холисона, объективона ва тибқи қонун баррасӣ ва ҳалномаи ғайриқонунӣ қабулкардаи Суди ноҳияи Қубодиёни вилояти Хатлонро аз 2-юми феврали соли 2023 доир ба парвандаи граждании бо аризаи даъвогии Сайдалиев Муйбулло Хайруллоевич бо ҷавобгарии Ҳамидова Насибахон Менглиевна ва Алимардонзода Ганҷинаи Эшмурод дар бораи эътироф намудани моликияти умумӣ бекор адолати судиро таъмин намоед.

Ман ҳамчун зан-модар ба инсоф, адолати иҷтимоӣ ва судӣ умедвор ҳастам!

**Алимардонзода Ганҷинаи ЭШМУРОД,**
**истиқоматкунандаи ноҳияи Қубодиён**

## КОНСУЛИ НАВИ ТОҶИКИСТОН ДАР РУСИЯ

**Сафири Тоҷикистон дар Русия Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода зимни сафари худ ба вилояти Новосибирски Русия шахсан консули нави генералии навтаъйинро ба мақомоти ин вилоят муаррифӣ кард.**

Дар ин мулоқот ҳамчунин Губернатори вилояти Новосибирски Русия Андрей Травников ширкат дошт. Дар ин бора саҳифаи Сафорати Русия дар "Фейсбук" хабар дод.



Ба иттилои дафтари матбуоти сафорат, ба ин вазифа Наҷмиддин Имомзода таъйин шудааст.

Ҳамчунин, Давлатшоҳ Гулмаҳмадзода дар вилояти Новосибирск бо роҳбарияти минтақа дидору гуфтугӯ кардааст, ки дар он дурнамои ҳамкориҳо миёни минтақаҳои Тоҷикистон ва вилояти Новосибирски Русия баррасӣ шудааст.

## МУҲОҶИРОН ДАР НОҲИЯИ НОСИРИ ХУСРАВ ПУЛ СОХТАНД

**Дар ноҳияи Носири Хусрав сохтмони як пул бо дарозии 16 метр, ки бо пуштибонии молии тоҷикони Русия бунёд мешавад, дар остонаи анҷом аст.**

Тавре аз бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Носири Хусрав хабар доданд, ин пули худравгузар бо маблағи 80 ҳазор сомонӣ дар рӯзҳои наздик ба баҳрабардорӣ мерасад.

Гуфта мешавад, ки пас аз ин боз 3 километр роҳи як деҳаи ин ниҳоя аз ҳисоби тоҷикони бурунмарзӣ мумфарш мегардад.

Ин бори аввал нест, ки бо ташаббуси муҳоҷирон дар Тоҷикистон роҳу пул ва иншооти гуногун бунёд мешавад.



## Фазлиддин Қодиров:

# ТОҶИКИСТОН МЕТАВОНАД “МАККА”-и САЙЁҲИИ ЭКОЛОГӢ БОШАД

**Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятнок барои кишварҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Аз ҷумла Тоҷикистон солҳои охир барои рушди ин бахш талош дорад. Оид ба мушкилот, дурнамо ва рушди соҳа бо Фазлиддин Қодиров, устоди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон мусоҳиба анҷом додем.**



**- Ҳоло сайёҳӣ як бахши муҳиму сердаромад аст. Кишварҳо низ барои рушду ҷалби ҷаҳонгардон талоши бештар мекунанд. Аз нигоҳи шумо, то куҷо сайёҳӣ дар Тоҷикистон пеш рафтааст?**

- Ҳамасола зиёда аз 2 млрд нафар сайёҳон ба сайру саёҳати кишварҳои гуногун мебароянд. Нишондиҳандаҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки нисфи аҳолии кураи замин ба сайру саёҳат шуғл меварзанд. Миёни намудҳои гуногуни сайру саёҳат сайёҳии фарҳангӣ ва экологӣ ҷойгоҳи устувор касб кардаанд. Зиёда аз 40%-и саёҳатҳо характери фарҳангӣ дошта, одамон бо мақсадҳои омӯзиши таърихи инсоният, эҳсоси воқеияти таърихӣ, ошноӣ бо арзишҳои фарҳангӣ, урфу одат ва анъанаҳо, махсусиятҳои этнографӣ, иншооти меъморӣ, иштирок дар маросимҳои ибодатӣ ва амсоли инҳо ҷаҳонгардӣ мекунанд. Дар баробари афзоиши шумораи бесобиқаи сайёҳон ва таваҷҷуҳи онҳо нисбат ба шароити воқеии табиат, бисёре аз объектҳо ва зуҳуроти фарҳангию муҳити табиӣ ба гардиши сайёҳӣ ворид карда мешаванд. Тоҷикистони мо барои ҳар ду навъи сайёҳӣ ҳам мусоид аст.

**- Ҳоло дар Тоҷикистон чӣ қадар ёдгориҳо мавҷуданд, ки барои ҷалби сайёҳон хеле муҳиманд?**

- Айни ҳол дар мамлакат зиёда аз 2 ҳазор ёдгориҳои фарҳангии вобаста ба давраҳои гуногуни таърихӣ ба қайд гирифта шудаанд. 220 шаҳр ва шаҳракҳо, 70 қалъа, 81 объектҳои бостонӣ, 654 объектҳои омӯхтанашуда, 69 оромгоҳ, 58 масҷидҳои таърихӣ, 5 корвонсарой, 13 мадраса, 160 пайкара, 179 монумент ва амсоли инҳо аз ҷумлаи ёдгориҳои фарҳангӣ мебошанд.

**- Оё ҳисоб кардаед, ки як сайёҳ ба ҳисоби миёна чӣ қадар маблағ харҷ мекунад?**

- Барои саёҳати аз 6 то 12-рӯза ҳар як сайёҳ дар Тоҷикистон аз 800 то 1200 $ маблағ сарф мекунад. Даромади асъори хориҷӣ аз ҳисоби сайёҳон 15,3%-и даромади умумии маҳсулоти содиротиро ташкил медиҳад.

**- Тарғиби имкониятҳои нодири сайёҳӣ низ муҳим аст. Аз нигоҳи шумо, то куҷо маконҳои ҷолиби диққат дар Тоҷикистон муаррифӣ мешаванд?**

- Дар Тоҷикистон вобаста ба мавҷуд будани шумораи зиёди оромгоҳҳо ва ҷойҳои муқаддаси зиёратӣ, сайёҳии динӣ-зиёратӣ ва маърифатӣ миёни саёҳаткунандагон маъмул гардидааст. Айни ҳол шумораи ин гуна объектҳо ба зиёда аз 140 адад баробар буда, аксари онҳо мавриди таваҷҷуҳи сайёҳони ватанию хориҷӣ қарор доранд. Оромгоҳи Хоҷа Муҳамад Башоро дар шаҳри Панҷакент, Оромгоҳи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар шаҳри Кӯлоб, Оромгоҳи Султон Увайси Қаранӣ дар ноҳияи Ховалинг, Оромгоҳи Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ дар ноҳияи Темурмалик, Оромгоҳи Хоҷа Накшрон дар шаҳри Турсунзода, Оромгоҳи Мавлоно Яъқуби Чархӣ дар шаҳри Душанбе, Оромгоҳи Махдуми Аъзам дар шаҳри Ҳисор ва амсоли инҳо ба макони зиёрату саёҳат табдил ёфтаанд. Ҷамъи сайёҳон ва зиёраткунандагон, ки аз ин объектҳо дидан менамоянд, ҳамсола аз 30 то 40 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд. Аз шумули ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ ва табиии Тоҷикистон танҳо 2 объект - шаҳраки бостонии Саразм ва Боғи миллии Тоҷикистон “Кухҳои Помир” ба Рӯйхати мероси умумиҷаҳонии фарҳангӣ ва табиии ЮНЕСКО ворид карда шудаанд.

**- Дурнамои сайёҳии экологиро дар Тоҷикистон чӣ гуна мебинед? Оё пешрафтеро мушоҳида мекунед?**

- Ташкили бонизом ва мақсадноки сайёҳии экологӣ дар Тоҷикистон метавонад натиҷаҳои муассир ба бор орад. Тибқи назарсанҷиҳои UNWTO сайёҳии экологӣ яке аз самтҳои ояндадор дар асри XXI буда метавонад. Тоҷикистон вобаста ба дороӣ ва мавҷудияти майдони зиёди ҳудудҳои махсус муҳофизатшаванда (3,1 млн гектар ё 22%- ҳудуди ҷумҳурӣ) яке аз пешоҳангон дар ин самт ба ҳисоб рафта, метавонад “Макка”-и сайёҳии экологӣ бошад. Дар ҳудуди мамлакат 5 мамнуъгоҳ, 13 парваришгоҳ, 1 боғи миллӣ, 1 боғи таърихӣ-табиӣ ва 1 боғи табиӣ амал мекунад.

**- Сабаби ба таври дилхоҳ рушд накардани сайёҳӣ дар кишвар чист?**

- Пеш аз ҳама рушди нактандон фаъолонаи бунёди инфрасохтори замонавии сайёҳӣ, бахусус, роҳҳо ба самти ҷойгиршавии объектҳои сайёҳӣ, норасоӣ ва сифати пасти хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, норасоии мутахассисон ва ё ҷалб накардани мутахассисони баландихтисоси соҳа барои фаъолият дар иншооти инфрасохтории соҳаи сайёҳӣ аст. Ҳолати хароби баъзе аз объектҳои мероси таърихӣ-фарҳангӣ, норасоии хатсайрҳои ҳавоӣ бо кишварҳои ҷаҳон, нархи гарони чиптаҳои ҳавопаймоӣ низ мушкилот мебошанд.

Дар баробари ин, омилҳои дигар, аз қабили сатҳи паст ва ё умуман набудани менеҷменти дилхоҳ, ҳатто дар объектҳо ва муассисаҳои пойгоҳӣ барои сайёҳӣ ба монанди осоишгоҳҳо, мамнуъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва табиӣ, инчунин анқариб тамоман набудани корҳои тарғиботӣ аз ҷониби дастандаркорони объекту муассисаҳои сайёҳӣ пешрафти соҳаро халалдор месозад.

**- Оё дар Тоҷикистон объектҳои таърихӣ-фарҳангие ҷой доранд, ки бо сабабҳои муносибати нодуруст ва ғайриоқилона нисбат ба онҳо ба харобшавӣ ва ё нестшавӣ рӯй овардаанд?**

- Бале. Мисоли равшани ин ҳолат дар Панҷакенти қадим, Лангари Бадахшон ва Қалъаи Қаҳ-қаҳаи Ишкошим вомехӯранд.

**- Соли равон омори омадани сайёҳон ба Тоҷикистон чӣ гуна аст?**

- Дар нимсолаи аввали соли 2023 шаҳрвандони хориҷие, ки вориди Тоҷикистон шудаанд, 627,9 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин 487,4 ҳазор нафар ба сифати сайёҳ аз ҷумҳурӣ дидан кардаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 124,3 ҳазор нафар (ё 34%) зиёд мебошад. Аз ин 453,5 ҳазор нафар ё 93% сайёҳон аз кишварҳои ИДМ ва 33,8 ҳазор нафар ё 7% сайёҳони кишварҳои хориҷи дур мебошанд.

Барои хизматрасонӣ ба меҳмонону сайёҳон айни замон дар кишвар 238 ширкати сайёҳӣ фаъолият менамоянд, ки аз ин шумора дар ВМКБ 43 ширкат, вилояти Суғд 43 ширкат, вилояти Хатлон 14 ширкат, шаҳри Душанбе 112 ширкат ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 16 ширкати сайёҳӣ рост меояд.

**Мусоҳиб:**
**Усмон РАҲИМЗОДА**





### РӮЗИ МИЛЛИИ АРАБИСТОНИ САУДӢ ДАР ДУШАНБЕ

**Бо ибтикори Сафорати Арабистони Саудӣ дар шаҳри Душанбе бахшида ба Рӯзи миллии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ чорабинии тантанавӣ баргузор гардид.**

Дар он сафирону намояндаҳои корпусҳои дипломатӣ ва созмону ниҳодҳои байналмилалии муқими Тоҷикистон, намояндагони воломақоми ду кишвари дӯсту бародар - Ҷумҳурии Тоҷикистону Шоҳигарии Арабистони Саудӣ ва журналистон иштироки фаъол намуданд.



Дар оғози чорабинӣ Сафири фавқулода ва мухтори Шоҳигарии Арабистони Саудӣ Валид ибни Абдурраҳмон Аррешайдон халқи шарифи Тоҷикистон, меҳмонон ва ҳозиринро табрику таҳният гуфта, оид ба марҳилаҳои дурахшони рушди Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар муддати 93 соли сипаригашта ва дурнамои ин давлат барои соли 2030 суханронӣ намуд. Ӯ муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурсамар ва умедбахш барои наслҳои имрӯз ва ояндаи ин ду сарзамини бофарҳангу мутамаддин маънидод намуд.

Сафир зикр кард, ки Шоҳигарии Арабистони Саудӣ аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ бо Тоҷикистон равобити дӯстӣ барқарор карда, тайи ин солҳо байни ин ду кишвари дӯст ҳамкориҳо босамар вусъат меёбанд.

# МАРГИ ИСТЕЪДОД

## ё чӣ тавр пайрави Мубораккшо ба думболаш рафт?



**Шаби 21-уми сентябр дар натиҷаи як садамаи нақлиётӣ сарояндаи ҷавони тоҷик Некрӯз Ниёзови 28-сола аз олам даргузашт. Марги ин сарояндаи ҷавонро ҳамкасбону мухлисонаш талафот барои санъати тоҷик арзёбӣ карданд.**

### Аз Ахбори ВКД

Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон хабар медиҳад: 21-уми сентябр, тахминан соати 22:30 ронандаи автомашинаи тамғаи «Lexus RX350», рақами қайди давлатиаш 4800СС01, шаҳрванд Файзулло Комёб, санаи таваллудаш 05.04.2005, зода ва истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кучаи А. Навоӣ, ҳангоми ҳаракат бо роҳи мошингарди кӯчаи А. Дониш, аз самти кӯчаи С. Айнӣ ба самти кӯчаи Дӯстии Халқҳо, дар рӯ ба рӯи бинои «Маркази миллии ташхиси озуқаворӣ» ба автомашинаи тамғаи «Lexus RX350» 1981WM01, тахти идораи Аҳтамзода Оятулло Хушбахт, санаи таваллудаш 11.09.2004, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев бархӯрдааст.

Нақлиёти мазкур ҳамзамон пиёдагарди дар канори роҳ карордошта, шаҳрванд Ниёзов Некрӯз, соли таваллудаш 1995-ро пахш намудааст. Дар натиҷаи ин садамаи нақлиётӣ пиёдагарди мазкур ҷароҳатҳои гуногуни ҷисмонӣ бардошта, дар беморхонаи «Шифобахш» ("Қарияи Боло") бистарӣ мегардад, вале мутаассифона субҳи рӯзи 22-юми сентябр ба ҳалокат расид.

### Гумонбар - писари ректор

Як рӯз баъд аз марги Некрӯз Ниёзов дар расонаҳои хабарӣ навиштанд, ки гумонбари марги сарояндаи ҷавон Комёб Файзулло, писари Файзулло Машраб, ректори Донишгоҳи славянии Тоҷикистон ва Русия будааст.

Радиои Озодӣ дар такя ба манобеаш аз Суди шаҳри Душанбе хабар дод, ки "Комёб Файзулло бегоҳи 22-юми сентябр муваққатан дастгир шуда, 25-уми сентябр бо қарори Додгоҳи ноҳияи Синои пойтахт ба муҳлати ду моҳ ба ҳабси пешакӣ гирифта шуд".

Ба иттилои манбаъ, нисбат ба Комёб Файзулло бар асоси қисми дуи моддаи 212-и Кодекси ҷиноятӣ (Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ки аз беэҳтиётӣ боис ба марги инсон шудааст) иттиҳом эълон кардаанд. Ин банди қонун то панҷ сол зиндонро пешбинӣ мекунад.

Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки иштироқдори дигари садама Оятулло Аҳтамзодаи 19-сола ҳам ба ҳабс гирифта шудааст, вале дар борaи ӯ маълумоте дар даст нест. Талоши мо ҳам барои пайдо кардани шахсияти ӯ бенатиҷа анҷом ёфт.

Вале корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷазои сазовор гирифтани фарзанди мансабдорон бовар надоранд. Қаблан низ бо иштироки фарзандони мансабдорон чанд садама шуда, боиси марги инсонҳо гардида буд, вале гунаҳгорон хеле зуд ва содда аз ҷавобгарӣ озод карда мешуданд.

Қазияи марги овозхон Некрӯз Ниёзов чӣ гуна анҷом меёбад, инро вақт нишон хоҳад дод.

### Некрӯз - Мубораккшои дигар

Овозхон Некрӯз Ниёзовро, ки дар садамаи шаби 21-уми сентябр дар назди тарабхонаи "Боми ҷаҳон" ҷон бохт, дар зодгоҳаш - ноҳияи Шуғнони Бадахшон дафн карданд. Вай бештар дар пайравии мактаби ҳунарии Мубораккшо Мирзошоев ва Далер Назаров тарона мехонд.

Некрӯз дар хонаводаи санъаткорон ба дунё омадааст. Падараш Саидшо Ниёзов сароянда ва амакаш Хушбахт Ниёзов навозандаи машҳур аст. Некрӯз Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобоқуловро хатм кардааст, вале овозхониро чанд сол пеш оғоз намуд.

Ӯ аввал танҳо асбобҳои клавишӣ менавохт. Аввалин бор суруди шодравон Мубораккшо "Ай ҷони ман асират"-ро сароид ва ба зуд дар шабакаҳои иҷтимоӣ машҳур шуд. Ӯ чандин сурудҳои овозхонони барҷаста, аз қабили Мубораккшо, Манижа Давлатова, Шабнами Сурайё ва дигаронро бозхонӣ кардааст.

Соли 2018 намоҳанги аввалини Некрӯз таҳти унвони "Оҳиста-оҳиста" нашр шуд, ки аз ишқи нокоми ин сарояндаи ҷавон нақл мекунад.

Яке аз дӯстони Некрӯз Ниёзов ба Oila.tj гуфтааст, ки Некрӯз ба наздикӣ бо сарояндa Ҷулета оиладор шуд, вале баъди чанд муддат онҳо аз ҳам ҷудо шуданд. Онҳо бори охир моҳе қабл таронаи "Лайлӣ, Лайлӣ"-ро якҷоя сароида буданд. Некрӯз аввалин дуэташро бо Меҳрнигори Рустам бо номи "Ракс бикун" суруд, ки он зуд маҳбубият пайдо кард.

Некрӯз Ниёзов дар Душанбе студияи сабти худро дошт ва бо аксари сарояндагони сершиноси тоҷик ҳамкорӣ мекард.

**О. СОҲИБЗОДА**

***Сарояндаҳое, ки дар садамаи нақлиётӣ ҷавонмарг шудаанд***



**Муқаддас Набиева**
29-сола. 29-уми сентябри соли 1979 дар ноҳияи Айнӣ дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ фавтид.



**Наргис Бандишоева**
25-сола. 21-уми сентябри соли 1991 дар дараи Варзоб аз олам даргузашт.

**Баҳром Ғафурӣ**
44-сола. 7-уми августи соли 2020 дар шаҳри Душанбе ба абадият пайваст.



**Дамирбек Олимов**
32-сола. 5-уми феврали соли 2022 дар роҳи Сомғор-Хуҷанд фавтид.



# «ҶУМЪА МУБОРАК!» МАНЪ ШУД?

**Чанд рӯз аст, ки дар мессенҷерҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ сабтҳои аудиоие чарх мезананд, ки гӯё дар Тоҷикистон ирсоли паёмаки "Ҷумъа муборак!" манъ шуда бошад. Гӯё ирсоли чунин паёмак ҷавобгарии ҷиноятӣ дорад.**

Аз ҷумла дар яке аз чунин сабтҳо зане мегӯяд, ки "ба рӯзи саиди ҷумъа табрик кардан дигар манъ шудааст ва ду сол "статя" (ҷазо ё ҳукми зиндон дар назар аст,- муаллиф) дорад". Зан мегӯяд, ки гӯё дар ҷои кораш аз ӯ дар хусуси табрикот бо рӯзи ҷумъа баёнот гирифтаанд ва огоҳӣ




додаанд, ки дигар дӯстону наздиконашро ба ин рӯз таҳният нагӯяд.

"Қонунаш баромадааст. Дигар дар Ватсапу Имо ҳамдигарро "Ҷумъаи саид муборак!" гуфта табрик накунед. Коғазҳоро оварда ба мо фаҳмонданд ва дар зераш имзо мондем",- гуфтааст он зан, ки шахсияташ маълум нест.

Ин хабарҳои садоӣ тайи як ҳафтаи охир дар тамоми Тоҷикистон паҳн шуда ва ҳатто ба муҳоҷирони тоҷик расиданд. Вале мақомоти марбутаи кишвар дар ин маврид иттилои расмӣ нашр накардаанд.

Бо гузашти чанд рӯз сухангӯи Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими Тоҷикистон Афшин Муқим гуфт, ки шаҳрвандон асос доштан ё надоштани ин паёмро аз масъулини Кумита пурсидаанд. Вале ба гуфти Афшини Муким, дар робита ба ирсолу бозн ашри паёмҳое дар мисоли "ҷумъа муборак" ва монанди он дастуру меъёри махсус таҳияву қабул нашудааст.

"Ин гуна паёмҳо ягон асоси қонунӣ надоранд ва онро нафарони иғвоангез байни ҷомеа паҳн кардаанд. Бо мазмуни мазкур дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ гуна тағйирот ворид нагардидааст",- таъкид кард ҳамсуҳбати мо.

Масъалаи ирсоли паёмакҳо бо ишораи "Ҷумъа муборак!" ё "Рӯзи саиди ҷумъа муборак!" борҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ матраҳ шудааст. Бисёре аз корбарон навиштаанд, ки нафарони шиносу ношинос бо ирсоли чунин паём онҳоро ноҳаҷат мекунанд. Чанд нафар аз корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ танзомез "Сешанбе муборак" ва "Панҷшанбе муборак" навишта, чунин паёмакҳоро маҳкум ҳам мекунанд. Вале кам нестанд нафароне, ки мехоҳанд бо табрики рӯзи махсуси мусалмонон ҳамдигарро хушнуд кунанд.

**Ф. БОБОЕВА, журналист**

БОЗИҲОИ ОСИЁ

# НИШОНИ ТИЛЛОИ СОМОН МАҲМАДБЕКОВ АЗ БОЗИҲОИ ОСИЁ

**Паҳлавони маъруфи тоҷик Сомон Маҳмадбеков дар мусобиқаи ҷудои Бозиҳои Осиё дар кишвари Чин дар вазни то 81 кг соҳиби медали тилло шуд.**

Сомон Махмадбеков дар даври аввал бо ду имтиёзи вазарӣ бар Муаяд Звайб аз Фаластин пирӯз шуда, ба даври чаҳорякниҳоӣ роҳ ёфт. Дар даври чаҳорякниҳоӣ Сомон бо имтиёзи иппон бар Асад Масабирови қирғиз ғалаба карда, ба даври нимниҳоии Бозиҳои Осиёии Ҳонгжу-2022 баромад.

Дар даври нимниҳоӣ Сомон тавонист бар Абулайхон Жубаназари қазоқ бо имтиёзи вазарӣ ғалаба карда, ба финал роҳ ёбад.

Нимаи дуюми ҳамон рӯз варзишгари тоҷик дар финал бо Ли Чунван аз Курияи Ҷанубӣ мубориза бурд ва пирӯз шуд.

Ин дуюмин нишони варзишгарони тоҷик аз Бозиҳои Осиё аст ва аввалин тилло барои дастаи мунтахаби Тоҷикистон аз ин мусобиқаи бошукуҳ ба шумор меравад.




БОЗИҲОИ ОСИЁ

# ТЕМУР РАҲИМОВ ДАР БОЗИҲОИ ҲОНГЖУИ ЧИН СОҲИБИ НИШОНИ НУҚРА ШУД

**Паҳлавони сангинвазни тоҷик Темур Раҳимов дар финали мусобиқаи ҷудои Бозиҳои Осиё-2022 натавонист пирӯз шавад ва бо гирифтани медали нуқра иктифо кард.**

Темур Раҳимов бо мағлуб кардани Ли Руйхуани чинӣ дар даври чаҳорякниҳоӣ ба даври нимниҳоӣ баромад. Ин паҳлавони тоҷик дар як рақобати сахту сангин муқобили Ким Минйонг аз Кореяи Ҷанубӣ дар даври




ниманиҳоии Бозиҳои Осиёии Ҳонгжу-2022 дар вақти тиллоӣ бо имтиёзи вазарӣ зафар ёфта, ба финал баромад.

Дар финал Темур Раҳимов бо намояндаи Амороти Муттаҳидаи Араб Магомедумар Магомедумаров мубориза бурд ва соҳиби нишони нуқраи Бозиҳои Осиё шуд.

Ин аввалин нишони нуқраи Тоҷикистон аз Бозиҳои Осиё-2022 ва сеюмин медал аз ин мусобиқа аст.

БОЗИҲОИ ОСИЁ

# НИШОНИ БИРИНҶИИ БЕҲРӮЗ ХОҶАЗОДА АЗ БОЗИҲОИ ОСИЁ-2022




**Паҳлавони тоҷик Беҳрӯз Хоҷазода дар мусобиқаи ҷудои Бозиҳои Осиё дар кишвари Чин дар вазни то 73 кг соҳиби медали биринҷӣ шуд.**

Хоҷазода дар даври аввал бар ҷудокори Филиппин Накано Кейсей бо имтиёзи иппон ғалаба карда, ба даври чаҳорякниҳоӣ баромад. Дар даври чаҳорякниҳоӣ ӯ бар Дониёр Шамшаеви қазоқ бо имтиёзи вазарӣ зафар ёфта, дар даври нимниҳоӣ аз Соичи Ҳашимотои ҷопонӣ бо як имтиёзи вазарӣ мағлуб шуд.

Нимаи дуюми ҳамон рӯз Беҳрӯз Хоҷазода дар вазни то 73 кг барои нишони биринҷӣ бо Кингдага аз Чин рақобат кард ва барандаи нишони биринчии Бозиҳои Осиёӣ-2022 дар Ҳонгжуи Чин шуд.

ФУТБОЛ

# МАРҲИЛАИ СЕЮМИ ФУТБОЛИ ТОҶИКИСТОН БО ИСТИФОДА АЗ VAR ШУРУЪ ШУД

**Марҳилаи сеюми Чемпионати футболи Тоҷикистон дар Лигаи олӣ оғоз шуд. Дар даври аввали ин бозиҳо бори нахуст системаи VAR истифода шуд.**

Дар даври аввали марҳилаи сеюми чемпионати Тоҷикистон-2023 дар гурӯҳи «А» «Эсхата»-и Хуҷанд бар «Куктош» бо ҳисоби 3:0 зафар ёфт. «Равшан»-и Кӯлоб дар оғози марҳилаи сеюм дар ҳамин гурӯҳ дар майдони худ бар дастаи «Файзканд»-и Восеъ бо ҳисоби 4:2 пирӯз шуд.



Дар бозии даври аввали марҳилаи сеюми чемпионати Тоҷикистон-2023 дар гурӯҳи «Б» «Регар-ТадАЗ»-и Турсунзода дар меҳмонӣ «Ҳосилот»-и Фархорро бо ҳисоби 1:0 шикаст дод.

КМВА дар бозии якуми марҳилаи сеюм дар ҳамин гурӯҳ дар майдони худ бар дастаи «Хатлон» (1:0) пирӯз шуд. Дар ин воҳӯрӣ бори нахуст аз системаи VAR истифода шуд. Гузашта аз ин, дар охири қисми аввал довари марказӣ пас аз тамошои наворҳои такрорӣ голи «Хатлон»-ро бекор кард.

РЕЗААХБОР

Дар даври аввали мусобиқоти интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 мунтахаби Афғонистон бо тими Муғулистон бозӣ мекунад. Воҳӯрии аввал 12-уми октябр дар Варзишгоҳи марказии Душанбе баргузор мешавад. Бозии ҷавобӣ 17-уми октябр дар Улан-Батор сурат мегирад. Ғолиби ин бозиҳо дар даври дуюми марҳилаи интихобии Ҷоми ҷаҳон-2026 дар гурӯҳи «А» бо дастаҳои Қатар, Ҳиндустон ва Кувайт бозӣ мекунад.

***

Комроншоҳи Устопириён (-90 кг) дар даври аввали Бозиҳои Осиёии Ҳонгжу-2022 бо 2 имтиёзи вазарӣ бар Вей Чанг ғалаба кард. Дар даври чаҳорякниҳоӣ бар муқобили паҳлавони Амороти Араб Арам Григорйан бо як вазарӣ ноком мешавад, аммо тавонист дар идома бо як имтиёзи вазарӣ ҳисобро баробар кунад. Дар дақиқаҳои баъдӣ барои вайрон кардани тартибот аз идомаи мусобиқа маҳрум карда шуд. Ҷудокори дигари тоҷик Исроил Раҳимов (-100 кг) дар даври аввал аз Баймурат Маҷанови туркман мағлуб шуд.

***

Аслиддин Ҳабибуллоев - сармураббии дастаи футболи "Хатлон"-и Бохтар пас аз нокомиҳои пайдарҳами даста дар мавсими имсолаи Чемпионати Тоҷикистон аз мақоми сармураббии даста истеъфо дод. «Хатлон» ҳоло дар гурӯҳи «Б» дар марҳилаи сеюми чемпионат бо 16 имтиёз дар зинаи охир аст.



***

Дар мусобиқаи бокси Бозиҳои Осиё Меҳрон Шафиев дар вазни 51 кг дар даври аввал аз муштзани чинӣ Жанг Чимао бо нокаут мағлуб шуд. Довуд Маҳкамов дар вазни то 71 кг бо Байрамдурди Нурмухаммадов нерӯсанҷӣ карда, мувоҷеҳи шикаст шуд. Бибинишастамо Холова (-60 кг) аз Таналя Сомнуек аз Тайланд ва Нигора Олимова (-54 кг) аз Ти Нгуйену аз Ветнам дар даври аввал мағлуб ва аз идомаи рақобатҳо маҳрум шуданд.



**МАРГИ ПОЛКОВНИКИ ТОҶИК ДАР ҚАРАБОҒИ КУҲӢ**

**Полковник Тағоймурод Қараев, ки дар ҳайати неруҳои посдори сулҳи Русия дар Қарабоғи Кӯҳӣ ҷон бохтааст, дар Тоҷикистон ба хок супурда мешавад.**

Тағоймурод Қараев зодаи Тоҷикистон буда, дар дивизияи 201-уми мототирандозӣ хизмат мекард. Солҳои охир ӯ дар вилояти Свердловск, дар бригадаи 29-уми ҷудогонаи радиатсионӣ, кимиёвӣ ва биологӣ (қӯшунҳои RCHBZ) муовини фармондеҳ оид ба корҳои тарбиявӣ буд.

**ГӮШУ БИНИИ ҲАМСАРАШРО БУРИД...**

**Як мард дар Қирғизистон дар ҳузури писари 10-солааш гӯшу бинии ҳамсари собиқашро буридааст. Ҳодиса 20-уми сентябр дар ноҳияи Сокулуки вилояти Чуй рух додааст.**

Гуфта мешавад, ки ин кор дар пайи рашк анҷом шудааст. Наздиконаш мегӯянд, ки Асели 36-сола борҳо аз сӯи шавҳараш латукӯб мешуд ва барои ҳамин панҷ сол пеш аз ӯ ҷудо шуд. Ҷарроҳӣ барои начоти Асел 8 соат идома кардааст.

**ҚАРЗ Ё ҒОРАТ?**

**Ба ШВКД-2 ноҳияи Шоҳмансур аризаи марди 50-сола ворид гардидааст. Маълум мешавад, ки моҳи декабри соли 2022 марди 35-солаи сокини пойтахт бо роҳи фиреб ба бовариаш даромада, аз ӯ 100 ҳазор сомонӣ қарз гирифта, аз ин маблағ 33 ҳазор сомониашро баргардонида, бокимондаашро то ҳол надодааст.**

Зарари расонидашуда 67 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Инчунин, парвандаи ҷиноятӣ бо моддаи 247, қисми 4 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати марди 31-солаи сокини ноҳияи Б. Ғафуров оғоз карда шудааст.

Номбурда охирҳои моҳи феврали соли 2023 дар ҳудуди ноҳияи Б. Ғафуров бо роҳи фиреб ба бовари марди 41-солаи сокини шаҳри Хуҷанд даромада, бо баҳонаи ба тиҷорат машғул будан 60 ҳазор сомониашро гирифта, то ҳол маблағашро барнагардонидааст.





# ПОСБОН ЧАРО ДОНИШГОҲРО ОТАШ ЗАД?

**Раёсати корҳои дохилии вилояти Суғд пас аз боздошти муттаҳам ба сӯхтор дар бинои факултаи таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров гуфтааст, ки сабаби оташ задани муассисаи таълимӣ "қассосгирӣ барои аз кор рондан" буд.**

Дар гузориши барномаи “Пайки Суғд” зикр мешавад, ки ба гумони оташ задан ва даст доштан дар сар задани сӯхтор сокини 56-солаи шаҳри Хуҷанд Абдусаттор Ҳайдаров боздошт шудааст.

“Аз соли 2021 то 10-уми сентябри соли ҷорӣ ӯ ба ҳайси посбон дар ин муассисаи таълимӣ кор мекард. Барои дар ҳолати мастӣ дар ҷойи корӣ қарор доштан аз кор озод шуда буд”,- баён мешавад дар баронмаи ВКД.

Дар гузориш гумонбаршуда тасдиқ мекунад, ки ҷиҳати қассос гирифтан барои аз кор озод шуданаш биноро оташ задааст.

Айни замон алайҳи Абдусаттор Ҳайдаров мутобиқи моддаи 255-и Кодекси ҷиноятии ҶТ (барқасдона нобуд кардан ё зарар расонидан ба амвол) парванда боз шудааст. Ин модда ҷарима ба маблағи 365 нишондиҳанда барои ҳисоб (1 нишондиҳанда - 68 сомонӣ) ё корҳои ислоҳӣ ба мӯҳлати то 2 сол ё маҳрумият аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлатро пешбинӣ мекунад.

Аз Раёсати ВКД дар вилояти Суғд хабар медиҳанд, ки зиёни умумии расида аз сӯхтор тақрибан 2 млн сомониро ташкил медиҳад. Бом ва китобхонаи ин муассиса пурра ба коми оташ рафтаанд. Қаблан зикр гардида буд, ки оташ майдони умумии 400 метри мураббаъро фаро гирифтааст.

Сӯхтор шаби 19 ба 20-уми сентябр ба амал омад.

# ТАБИБИ “ЁРИИ ТАЪҶИЛӢ” 6 СОЛ ЗИНДОНӢ ШУД

**Расул Ҳоҷиев, табиби Беморхонаи “Ёрии таъҷилӣ”-и шаҳри Душанбе барои хато гузаронидани дору ба Севинч Шукуроваи ноболиғ, ки дар натиҷа фавтид, ба 6 соли зиндон маҳкум шудааст.**



Волидони духтари фавтида аз ҳукми додгоҳ розӣ ҳастанд, вале табиб дар сухани охиринаш аз ҳукм норозигӣ кардааст.

Ҳукмро рӯзи 19-уми сентябр Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе содир кардааст, ки бар асоси он Расул Ҳоҷиев ба 6 соли зиндони низомаш умумӣ маҳкум гардида, баъди адои ҷазо, се соли дигар ҳақ надорад ба кори табибӣ машғул шавад.

Бояд гуфт, ки Расул Ҳоҷиев, духтур-ҷарроҳи Беморхонаи "Ёрии таъҷилӣ"-и шаҳри Душанбе барои бе зарурат таъин намудан ва гузаронидани доруи “Лидаза” ба Севинч Шукуровай 17-сола, ки боиси марги ахирӣ шуд, гумонбар дониста мешуд.

# ҲУКМИ ҚАТЛ

## ба террористи тоҷикистонӣ дар Эрон

**Раҳматулло Наврӯзов, муттаҳам дар ҳамлаи мусаллаҳона ба зиёратгоҳи Шоҳчароғи шаҳри Шероз, ки аз ӯ мақомоти Эрон чун шаҳрванди Тоҷикистон ёдовар мешаванд, ба ҳукми қатл маҳкум шудааст.**

Дар ин бора хабаргузории “Мизон”, марбут ба Додгоҳи Эрон хабар медиҳад. Манбаъ менависад, ки Раҳматулло Наврӯзов тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба ДИИШ пайваста, аз Туркия ба таври ғайриқонунӣ вориди Эрон шуда, сипас ба Покистон ва аз онҷо ба Афғонистон рафтааст. Дар ин кишвар дар як урдугоҳи ҷангҷӯён тамрини низомӣ кардааст.



Пас аз хатми тамриноти низомӣ ӯро ба Эрон фиристодаанд ва муддате дар хонае дар паҳлуи масҷиди Шоҳчароғ зиндагӣ кардааст. Баъдан мубаллиғони ДОИШ ба ӯ дастур додаанд, ки масҷидро оташ зада, намозгузоронро парронад. Ӯ бо бензин ба масҷид омадааст, вале пеш аз оташ задани қолинҳо боздошт шудааст. Ҳамлагар пас аз он ки 11 тир холӣ мекунад, боздошт шудааст. Дар натиҷа ду нафар кушта ва ҳафт нафари дигар захмӣ шудаанд.

**ЛАТУКӮБ БАРОИ СӮХТАНИ ҚУРЪОН**

**Рамзан Қодиров видеоеро нашр кард, ки чӣ тавр писараш дар СИЗО Никита Журавелро, ки моҳи май бо дастури неруҳои мусаллаҳи Украина дар Волгоград Қуръонро сӯзонида буд, латукӯб кардааст.**

"Ман ноҳақ гуфтанро дӯст намедорам. Ҳамеша бо ростқавлӣ нуқтаи охиринро мегузорам. Писарам ӯро зад, кори дуруст кард. Ман бовар дорам, ҳар касе ба ҳар касе, ки ба китоби Муқаддас таҷовуз мекунад, аз ҷумла ба таври намоишкорона сӯзондани он, даҳҳо миллион шаҳрвандони кишвари бузурги моро таҳқиркарда ҳисоб мeёбад. Чунин касон бояд ҷазои сахт гиранд”,- гуфт Қодиров.




**ҶАЗО БАРОИ САРКАШӢ АЗ ХИЗМАТ**

**Бо ҳукми Суди ноҳияи Ашт Сорбон Раҳмонов барои "бе сабабҳои узрнок" саркашӣ кардан аз хизмат дар артиш чордаҳ ҳазор сомонӣ ҷарима шудааст.**

Ҳукми суд 4-уми августи соли 2023 содир шудааст. Вокуниши Раҳмонов ва наздикони ӯ маълум нест.

**ИНТЕРПОЛ ДУ БАРОДАРИ ТОҶИКРО ДАСТГИР КАРД**

**Интерполи ВКД Русия ду бародар - шаҳрвандони Тоҷикистонро боздошт кардааст. “Онҳо ба куштор бо бераҳмии махсуси марбут ба рабудани одам гумонбар дониста мешаванд”,- хабар дода мешавад дар сомонаи mvdmedia.ru.**

“Тибқи фарзияи тафтишот, моҳи ноябри соли 2020 бародарон дар Русия мефаҳманд, ки хоҳарашон дар Тоҷикистон бо як мард муносибати наздик доштааст. Онҳо аз ин хеле дарғазаб мешаванд. Вақте ки ба ватан меоянд, ҳамзисти хоҳаршонро рабудаву мекушанд ва ҷасадро дар партовгоҳ пинҳон мекунанд. Пас аз содир намудани ҷиноят бародарон дар қаламрави Русия пинҳон мешаванд”,- хабар додааст намояндаи расмии ВКД Русия Ирина Волк.

Ҷинояткоронро Интерполи Русия бо дархости Тоҷикистон боздошт кардааст.



# ҚАДКӮТОҲӢ
## Аз нигаронӣ то роҳи ҳал

**Солҳои охир бештари волидайн аз қадкӯтоҳии фарзандонашон нигарон ҳастанд ва бо ин мушкил ба табибон муроҷиат мекунанд. Доктор Аббоси Таваккулиён ба ин масъала равшанӣ меандозад.**

### Қади кӯдак бояд чанд сантиметр бошад?

Ҳар чизе дар ин дунё як таърифи хос, меъёр, тарҳ ва нақша дорад. Андозаи қади ҳамаи кӯдакони навзод, агар норас набошанд ва беморихои ирсӣ надошта бошанд, тибқи меъёр аз 47 то 53 см ва ба таври миёна 50 см хоҳад буд.

Ҳамаи кӯдакон дар соли аввали пас аз таваллуд ҳудуди 25 см баландтар хоҳанд шуд. Дар соли дуввум ҳудуди 12,5 см қад хоҳанд кашид. Бинобар ин, ҳангоме, ки 2 сола мешаванд, андозаи қадашон байни 85 то 90 см ва ба таври миёна 87,4 см хоҳад шуд. Пас аз 2-солагӣ миқдори рушди солонаи кӯдакон ҳудуди 5,5 см дар сол хоҳад монд.

Ба унвони мисол, агар кӯдаки шумо 7 соли пурра дорад, бояд қади ҳудуди 115 см дошта бошад. Яъне 87,5 см барои 2 соли аввали умр ва сипас ба изофаи 5,5 см дар сол, барои 5 соли баъд (то 7-сола) мешавад 27,5 см. Ҳоло ду адади 87,5 см ва 27,5 см-ро ҷамъ мекунем, мешавад 115 см.

Масалан, агар кӯдаки шумо 7 солу 8 моҳ дошта бошад, бояд барои ҳар моҳи баъдӣ 0,5 см изофа кунед. Ададе, ки бо ин формула ба даст меоваред, рақами миёна ё мутассити қади маъмул барои он син хос мебошад. Дар аксари вақтҳо ададе, ки ба даст меоваред, дақиқан ба андозаи қади фарзанди шумост. Аммо андозаи 112 см то 118 см ҳам барои кӯдаки шумо ҳанӯз муътадил ба ҳисоб меравад.

### Чӣ тавр қадро чен мекунанд?

Ин тавсифҳо ба ин ҷиҳат аст, ки шумо қабл аз муроҷиат ба табиб, аввал меъёри миёнаи қади фарзанди худро ҳисоб кунед ва сипас қадашро бодиққат андоза гиред. Агар қади андозашуда бо меъёрҳои муайяншуда комилан наздик бошад, маънияш ин аст, ки фарзанди шумо аз назари рушд солим аст ва ниёз ба муоинаи эндокринолог надорад.

Барои андозагирии қад, кӯдак бояд пушт ба девор истад ва мустақим ба девори рӯ ба рӯ нигоҳ кунад. Пойҳо бояд канори ҳам ва пушти пойҳо, шонаҳо ва сари кӯдак ба девор часпида бошанд. Дар ин ҳолат як хаткашро рӯи фарқи сари кӯдак гузоред ва ба рӯи девор як нишона гузоред ва бо як ришта фосилаи аз замин то нишонаро андозагирӣ кунед. Ҷолиб аст бидонед, ки қади духтарҳо ва писарҳо то қабл аз инкишофи ҷинсӣ як хел буда ва аз ин формулаи ягона пайравӣ мекунад. Пас аз инкишофи ҷинсӣ, суръати рушд дар писарҳо нисбат ба духтарҳо бештар мегардад.

### Чанд нуктаи бисёр муҳим

Ҳеч вақт қади фарзанди худро ба қаду қомати фарзандони хешу табор, авлод, ҳамсояҳо, ҳамсинфҳо муқоиса накунед. Ҳар фарзанд ба падар ва модари худ монанд мешавад ва қадаш пас аз инкишофи комил дар ҳудуди қади волидайн хоҳад буд.

30 дарсади кӯдакон ба таври генетикӣ аз кӯдакони ҳамсинну соли худ аз лиҳози қад хурдтар ҳастанд ва мумкин аст дар формулае, ки истифода мебаред, қадашон аз 1 см то 2 см фарқ кунад. Ташхиси ин гуна бачаҳо бо як нигоҳ ба сурати падару модари онҳо дар замони кӯдакӣ равшан мешавад. Ин навъ рушди таърихӣ ҳамеша генетикӣ буда, падар ё модар дар кӯдакӣ хурдтар аз ҳамсолон буда, аммо пас аз болиғат қади онҳо ба қади дигар одамҳои ҷомеа наздик мешавад.

### Ташхиси қадпастӣ

Барои ташхиси дақиқи иллати кӯтоҳии қад, муоина, шарҳи ҳоли ҳамаҷониба, радиографии панҷаи дасти чап барои муайян кардани синни устухонӣ ва чанд озмоиши ҳормонии содда (TsH, GH ва IGF-1) кифоя аст. Озмоишҳои тазриқи озодшавии ҳормони рушд агар бо L-DOPA анҷом дода шаванд, беҳтар аст, ки анҷом нашавад. Озмоишҳои дақиқтар, мисли истифода аз GHRH ва аржичинини дохили раг дар Тоҷикистон мавҷуд нестанд. Бинобар ин, тамоми саъйи мо бояд бар ташхиси саҳеҳ аз рӯи муоина ва ҳамин чанд намуд озмоиш бошад.

### Эҳтиёт!!!

Охирин ва муҳимтарин нукта он аст, ки истифодабарӣ аз ҳормони рушд дар кӯдаке, ки озмоишоташ камбуди ҳормони рушдро нишон надиҳад, натанҳо ҳеҷ фоидае надорад, балки бисёр вақт хатарнок ҳам мебошад.

Қабл аз истифода аз доруҳои ҳормони рушди гаронқиммат, муддати 6 моҳ сабр кунед ва қади фарзанди худро дар тӯли 6 моҳи комил андозагирӣ намоед. Агар миқдори рушди фарзанди шумо дар тӯли 6 моҳ беш аз 2,5 см бошад, ба шуруъи дармон бо ҳормони рушд саросема нашавед. Агар як сол сабр кардед ва суръати рушди солонаи кӯдаки худро андоза гирифтед ва дидеду мулоҳиза кардед, ки ӯ дар як соли комил беш аз 5 см рушд кардааст, бидонед, тазриқи ҳормони рушд фоидаи зиёде нахоҳад дошт.

# Толеънома



***Ҳамал***
*21.03 - 20.04*

*Зодагони бурҷи ҳамал бояд муносибатҳояшонро бо шариконӣ корӣ ба дараҷаи олӣ ба роҳ монанд. Забон ёфтан бо ҳамкорон боиси ривоҷ ёфтани кор ва ба даст овардани даромади хуб мегардад. Сешанбе аз роҳбарон сарзанишу маломат мешунавед.*



***Савр***
*21.04 - 21.05*

*Корҳои нотамоме, ки тӯли чанд моҳ ҷамъ шуда буданд, ба анҷом хоҳанд расид. Рӯзи сешанбе барои воҳӯриҳои корӣ чандон рӯзи мувофиқ нест, агар ин воҳӯриро ба рӯзи дигар мегузоштед, беҳтар мебуд. Вазъи баҳсталаб рӯзи чоршанбе саратонро гиҷ мекунад.*



***Ҷавзо***
*22.05 - 21.06*

*Ин ҳафта шуҳратёр шуданатон имкон дорад, вале ноил шудан ба маъруфият меҳнати зиёдро талаб мекунад. Сешанбе рӯйи об баромадани дурӯғи ошиқатон дилатонро реш-реш мекунад. Ҳолати руҳиятон боиси беморӣ гашта метавонад, саломатиро эҳтиёт намоед.*



***Саратон***
*22.06 - 23.07*

*Ин ҳафта дар назари атрофиён донову тавоно менамоед, ҳар кореро оғоз кунед, бе ягон мушкилӣ анҷом мeёбад. Меҳрубонии ситораҳоро моҳирона истифода баред ва кӯшиш намоед, ки корҳои муҳиматонро то рӯзи панҷшанбе ҳал кунед.*



***Асад***
*23.07 - 22.08*

*Ҳафтаи нав фикри таъмир ва сохтмон ба саратон меояд, вале вазъи иқтисодиатонро ба назар гирифта кор кунед, вагарна ба қарз ғӯтиданатон аз эҳтимол дур нест. Эҳтиёткорӣ дар ҳама самтҳои зиндагӣ бароятон зарур аст.*



***Сумбула***
*23.08 - 22.09*

*Ин ҳафта гӯё қувваи ноаён ҳамроҳатон мешаваду ҳар кореро оғоз намоед, зуд анҷом меёбад. Умуман худро тавоно ҳис мекунед. Сешанбе барои воҳӯриҳо ва ҳар гуна сафарҳои корӣ хуб аст. Аммо ба даст овардани моҳии тилло аз шумо маҳорат мехоҳад.*



***Мизон***
*25.09 - 22.10*

*Мизонҳоро зарур аст, ки муносибат ва рафтору кирдорашонро дар тарозуи ақл баркашанд, чунки як сухани дағал метавонад моҷарои калонеро бархезонад. Ботамкин бошед, санги вазнинро об намебарад гуфтаанд, барои зарбаи ҷавобӣ баъдтар фурсат меёбед.*



***Ақраб***
*23.10 - 22.11*

*Дар коргоҳатон тағйирот шуморо интизор аст. Вазифае, ки пеш иҷро мекардед, шояд насиби каси дигар шавад. Озурда набошед, чунки вазифаи баландтаре шуморо насиб гашта, вазъиятро дигаргун мекунад. Нимаи дуюми ҳафта даромади калони пулӣ имкон дорад.*



***Қавс***
*25.11 - 21.12*

*Ин ҳафта ба саратон фикрҳои аҷиб меоянд, вале барои амалӣ намудани онҳо маблағи зиёд лозим аст. Нимаи дуюми ҳафта бемории шахси наздик асабҳоятонро хароб мекунад, худро ором кунеду ба ҳассосият дода нашавед. Воҳима накарда, роҳҳои табобати бемориро ҷӯед.*



***Ҷаддӣ***
*22.12 - 20.11*

*Ин ҳафта нақшаи яҳхафтаинаро тарҳрезӣ кунед, зеро мушкилиҳое пеш меоянд, ки тамоми вазъиятро бар зидди шумо тоб медиҳанд. Кӯшиш кунед ҳар гуна воҳӯриҳои корӣ ва ҳатто ошиқонаро ба дигар рӯз ё ҳафта гузаронед, чунки ноkomӣ шуморо интизор аст.*



***Далв***
*21.01 - 19.02*

*Нақшаҳое, ки кайҳо тарҳрезӣ карда будед, барбод мераванд. Озурда нашаведу худро азоб надиҳед. Минбаъд ҳар кореро, ки карданӣ мешавед, бе маслиҳат оғоз накунед, то дучори ноkomӣ нагардед. Нимаи дуюми ҳафта барои воҳӯриҳои корӣ хеле бобарор аст.*



***Ҳут***
*20.02 - 20.03*

*Дар коргоҳатон аз тарафи роҳбарият бо мукофотпулӣ меҳнатҳои содиқонаатон қадр карда мешавад. Душманонатон аз рашку ҳасад сӯхта, дар сари роҳатон чоҳ кофтанӣ мешаванд. Эҳтиёт бошед, то бо иғвогариҳояшон шуморо сиёҳ накунанд.*

# НЕСТ ПАЙҒАМБАР, ВАЛЕ ДОРАД КИТОБ

*Ман чи гӯям васфи он олиҷаноб,*
*Нест пайғамбар вале дорад китоб.*
*Маснавии Маънавии Мавлавӣ,*
*Ҳаст Қуръон бо забони паҳлавӣ.*

**Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ**

**Субҳи 9-уми сентябри соли ҷорӣ аз шаҳри Истамбул ҷониби Қуния равон шудем. Фосилаи роҳ байни ин шаҳрҳо зиёда аз 700 километр аст. Ҳадафи мо аз ин сафар дидан ва интихоб намудани маконҳои сабт барои филми муштараки ҳунарӣ-таърихии "Ҷомӣ ва Навоӣ" буд, зеро дар шаҳри Қуния майдони бузурге барои сабти филмҳо бунёд кардаанд, ки барои филми мо ҳам бисёр мувофиқ буд.**





Шоҳроҳ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ бунёд шуда, мисли шоҳроҳи Душанбе-Чаноқи мо пулакӣ аст. Дар ин ҷо коидае будааст, ки қабл аз сафар нақлиёти дилхоҳеро киро карда, барзиёд маблағ пардохт мекунӣ. Маблағи зиёдатӣ барои ҷаримаи эҳтимолӣ аст. Дар сурати ҷарима нашудан ва хуб гузаштани сафар, ронанда





маблағи зиёдатиро бармегардонад. Агар рафту мошин дар роҳ вайрон шуд (дар дилхоҳ ҷо), бо ширкат тамос мегиред ва масъулин мошинро иваз мекунанд, ки ин хизматрасонӣ ройгон аст.

Хулоса, чанд шаҳру деҳа, ҷангалзор ва биёбонҳоро убур карда, ниҳоят шом ба Қуния расидем. Шаҳр бо биноҳои пасту хиёбонҳои сабзу гулпӯш ва тангкӯчаҳои зиёдаш ба шаҳрҳои Шероз шабоҳат дорад. Ягона фарқият дар рангҳои умумӣ буду халос, яъне Шероз ранги хокиро мемонду Қуния ранги обиро.

Расидан замон ба назди мақбараи Мавлонои оламгир рафтем. Аллакай шаб шуда буд, чароғакҳо фурӯзон, ҳаво каме гирифта буду борон нармнарм меборид. Вуҷуди моро чунон эҳсоси дилхушие фаро гирифт, ки тасвирнокарданист. Дарҳои мақбара шабона баста буд, бинобар ин, аз панҷараҳо каме дохили мақбараро тамошо карда, баргаштем ба меҳмонхона.

Бар замми ин меҳмонхонае, ки мо меҳобидем, "Музей" ном дошту дар болои пойгоҳи шаҳри қадимаи Рум бунёд шуда буд ва дар фоеии қисме аз он кӯҳнашаҳр боқӣ монда буд. Ин ҳам хаёлоти моро ба дуриҳои дур, яъне, ба асри зиндагии ҳазрати Мавлоно мебурд, ки замоне инҷо зиндагӣ кардаву ду шамъи ҳамешафурӯзонеро барафрӯхта бо номҳои "Маснавии маънавӣ" ва "Девони Шамс". Аз як тараф хаёлотамон банди андешаҳои Мавлоно буду аз ҷониби дигар ба Ватан, ки он рӯз ҷашни Истиқлол таҷлил мешуд. Дар Ватани мо, ки ифтихори зодгоҳи Мавлоно буданро дорад...

... Субҳ роҳ пеш гирифтем ҷониби оромгоҳ. Дар даромадгоҳ посбон меистод, вале даромад ройгон буд. Аз субҳ мардуми зиёде ба зиёрати Мавлоно омада буданд. Ба мо ҳам ворид шудан ба оромгоҳ насиб шуд.

Дар ду қисмати берун, яъне ҳавлии оромгоҳи Мавлоно чанде аз ошиқон ва пайравони ӯро дафн кардаанд. Дар қисмати пеши ҳавлӣ ҳавзи калоне воқеъ аст, ки дар атрофаш 10-12 курсиву обрав (онҷо ин гуна нуктаҳо зиёд аст) дорад. Дохили ҳавз пур аз танга буд. Маълум мешавад, ки онро бо ният мепартоянд дохили ҳавз.

Аз дари мақбара ворид шуда, дар қисмати чап 10-12 хилъати овезонеро дидам, ки оддии рангашон обӣ буд. Ҳамин лаҳза садои най танинандоз шуд. Ин бе рамз нест. Ин ҳамон найе аст, ки Маснавии маънавӣ бо он оғоз шудааст, наест, ки бо садои он дар бадани ҳазрати Одам (а) ҷон даромада ва вақти рондан ба шикоят омада - "В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад"... Вуҷудамро эҳсоси аҷибе фаро гирифт.

Ба Оромгоҳи Мавлоно ҳар кас бо нияте меояд: Яке дуо мехонад, дигаре зикр мекунад, сеюмӣ нишаставу бо хаёлоти худ банд аст, чорумӣ навиштаҳоро мехонад, панҷумӣ мегиряд... Ман ҳам дар рӯ ба рӯи турбати Мавлоно нишастаму ба худ фурӯ рафтам.

Намедонам, чанд дақиқа гузашта буд, ки яке аз режиссёрҳои филми “Ҷомӣ ва Навоӣ” Файзуллоҳ Файзов хабар кард, ки меравем. Ба руҳи Мавлоно дуо хондаву чанд акс барои хотира гирифтему баромадем. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки дар паҳлуи турбати Мавлоно фарзандон, наберахо ва чанде аз шогирдонаш ҳам дафн шудаанд...

Дар атрофи ҳавлӣ чанд осорхона мавҷуд аст, ки аз ҳуҷраҳо иборатанд. Дохили онҳо пур аз ашёву либосҳои асри XIII. Дар яке аз хонаҳо замони зиндагии Мавлоноро бо ҳайкалҳо ва либосу ашёҳои он давра оро дода буданд.

Аз бародари ӯзбекистонии мо яке аз онҳо забони туркиро медонист. Ӯ ба суроғи роҳбари оромгоҳ рафт ва баъди чанд дақиқа бо ӯ омад. Роҳбар бо чеҳраи кушод гуфт: “Хуш омадед ба зиёрати Мавлонои форсу тоҷики оламгир!”. Маълум мешавад, ки бародари ӯзбекистонӣ ба ӯ гуфта буд, ки аз Тоҷикистон меҳмонон омадаанд. Ӯ воқеан, бо мо меҳрубон ва боилтифот буд.

Пас аз суҳбати кӯтоҳ якеро бо мо ҳамроҳ намуд, то майдони синамоиро ба мо нишон бидиҳад, ки филми Мавлоноро онҷо сабт карда буданд.

Майдони синамоӣ воқеан шаҳомат дошт. Дар қисмати болои шаҳр ҷойи ҳамвори кӯҳиеро интихоб карда, шаҳраки декоративӣ сохта, филми "Мавлоно Румӣ"-ро ба навор гирифтаанд. Вале баъдан дар натиҷаи заминларза он мавзеъ қисман хароб шудаасту дигар иҷозати дидан ва филм гирифтан надодаанд, зеро биноҳо садамавӣ шудаанд. Вале мо иҷозат гирифта, вориди он шудем. То ҷое, ки имконият доштем, дидем ва аксу навор гирифтем...

Соати 16:27 бо шаҳри Қуния ва оромгоҳи Мавлоно худоҳофизӣ намудем...

**Тоҳир НАЗАР, рассом**
**Душанбе - Истамбул - Қуния**

## Мавлуднома

**• 28 СЕНТЯБР •**

**Дилбар Абдиева** (1953), 70-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

**Саидалӣ Сиддиқ** (1958), 65-солагии зодрӯзи нависанда, журналист.

**Мадатбек Тоҷибеков** (1948-2015), 75-солагии зодрӯзи доктори илмҳои геологӣ ва минералогӣ.

**Бӯстон Турсунов** (1968), 55-солагии зодрӯзи муаррих.

**Сурен Шадунс** (1898-1940), 125-солагии зодрӯзи арбоби ҳизбӣ (1932-1934 Котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон).

**• 29 СЕНТЯБР •**

**Абдулвоҳид Шамолов** (1958), 65-солагии зодрӯзи доктори илми фалсафа, профессор.

**Михаил Скоблев** (1843-1882), 180-солагии зодрӯзи шарқшиноси рус, муҳаққиқи таъриху фарҳанги халқи тоҷик.

**• 30 СЕНТЯБР •**

**Амирқул Азимов** (1948), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатию маъмурӣ, генерал-лейтенант.

**Азиза Мардонова** (1938), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

**• 1 ОКТЯБР •**

**Ғафурҷон Абдуллоев** (1953), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Маҳмуд Абдуллоев** (1948), 75-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

**Абдуғаффор Абдураҳимов** (1958), 65-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Озод Аминзода** (1933-2011), 90-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Ғуломҷон Зарифов** (1943-2016), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод, профессор.

**Виктор Ушаковский** (1943-1995), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**• 2 ОКТЯБР •**

**Шарофат Ёрова** (1938), 85-солагии зодрӯзи актрисаи театр.

**Рина Талман** (1903-1986), 120-солагии зодрӯзи Китобдори шоистаи Тоҷикистон.

**Октябр Тиллоев** (1938), 85-солагии зодрӯзи кинооператор.

**• 3 ОКТЯБР •**

**Зебо Аминзода** (1948), 75-солагии зодрӯзи раққоса ва балетмейстер, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Артисткаи халқии СССР, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

**Шакарҷон Анварова** (1943), 80-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профеессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Мавлуда Обидова** (1948), 75-солагии зодрӯзи актрисаи театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

**Алексей Окладников** (1908-1981), 115-солагии зодрӯзи муаррих, бостоншинос, мардумшиноси рус, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**• 4 ОКТЯБР •**

**Алфред Арендс** (1893-1977), 130-солагии зодрӯзи доктори илми таърих.

**Белла Вовси** (1923), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Қудрат Қурбонов** (1918-1999), 105-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Таҳияи З. ГУЛМУРОД, Н. БАҲРУЛЛО, кормандони Китобхонаи миллии Тоҷикистон**

### Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд? ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**




## ОМӮЗИШ

► Дарси математика барои толибилмони синфҳои болой. Тел.: 98-745-18-78

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ таҳти феҳристи №6401 ва шартномаи хадяи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №8Ш-4093 ба номи Холмирзоев Хайриддин Тавакалович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Мир Саид Али Ҳамадонӣ, хонаи 55а, ки аз 11-уми ноябри соли 2019 дар нотариуси Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудаанд, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шиносномаи техникӣ ва дафтари ҳавлидорӣ ба номи Мирзошоев Гурез, бо суроғаи ноҳияи Рудакӣ, ҷамоати Чоргултеппа, деҳаи Оби шифо, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Дипломи №007660, ба номи Қосимов Раҳматулло Ҳасанович, ки аз 20-уми июли соли 1993 аз ҷониби Донишгоҳи техникии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ш и н о с н о м а и A02932192 ба номи Давлатова Озодабегим Нафасшоевна, ки санаи 17.01.2020 аз ҷониби ШВКД ш. Хоруғ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи ИЖТ ба номи Шералиев Раҳмат, ки соли 2020 аз ҷониби Раёсати Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-ШТА №0660533 ба номи Алимова Моҳира Ҷамшедовна, соли хатм 2011, ки аз ҷониби МТМУ №19-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати гумшудаи АБ №299417 ба номи Мирзоева Шаҳноза, ки аз ҷониби МТМУ №14-и ноҳияи Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Ғафуров Шомирзо, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Деҳотӣ 46/2, ҳ. 20, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ш и н о с н о м а и шаҳрвандии A01597053 ба номи Баҳридинова Хонума Қумридиновна, ки соли 20.11.2018 аз ШВКД-2 ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Якубов Ҷавҳаршо Тилоевич, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Чоряккорон, деҳаи Испечак, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Расулова Шахноза Довутовна бо суроғаи ш. Душанбе н. И. Сомонӣ, кӯчаи Телман 362-2 аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Созишнома дар бораи ба моликият супоридани квартира аз 5-уми марти соли 2018, таҳти феҳрасти №2ШД-307, ки дар Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ, силсилаи №0020290 аз 15-уми марти соли 2018, таҳти №2715 ва шиносномаи техникӣ, ки нисбати манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Айнӣ, бинои 42, блоки 3, хонаи (квартираи) 61 ба Ёрмаҳмадов Идибек Негматуллоевич дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фрунзеи (ҳозира ноҳияи Сино) шаҳри Душанбе аз 11-уми июли соли 2001, таҳти феҳрасти №8Д-3678 ба номи Умаров Тахир Бурханович нисбати манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Сино (собиқ Профсоюзов), бинои 128, хонаи 23 тасдиқ карда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► М а ъ л у м о т н о м а и маъюбӣ, силсилаи №0167160 ба номи Одинаев Ёқуб Аслиддинович, ки санаи 08.11.2022 аз Хадамоти давлатии экспертизаи тиббию иҷтимоӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши квартира, ки дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ аз соли 1989 ба расмият дароварда шудааст, шиносномаи техникӣ таҳти феҳристи 637 ва дафтари ҳавлӣ ба номи Иронова Сафина Шириншоевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Рӯдакӣ, Чимтеппа, д. Шайнак, хонаи 34, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Ш и н о с н о м а и шаҳрвандии A03501465 ба номи Абдукадырова Наргис Ҷурахановна, ки санаи 07.10.2020 аз ҷониби ШВКД-2 ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ш и н о с н о м а и шаҳрвандии A03343953 ба номи Табаров Шоҳобидон Алиевич, ки санаи 27.08.2020 аз ШМД Навобод ШВКД-1 ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ва сертификати ҳуқуқи истифодаи замин ба номи Бобомуродова Дилафруз Махмудовна, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Россия, деҳаи Қуштеппа, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Ш и н о с н о м а и шаҳрвандии A00007770 ба номи Ваҳобова Тахмина Камоловна, ки санаи 11.08.2014 аз ШВКД ноҳияи И. Сомонӣ дода шудааст, эътибор надорад.

► Шартномаи ҳадяи 1/2 қисми хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №1ш-1163 аз 11-уми июли соли 2018 ба номи Шарипов Рустам Назримадович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Канорӣ, хонаи 127, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси кооперативи тиҷоратии "Галабой", РЯМ: 3310009955, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Шаҳодатнома ва иқтибоси кооперативи тиҷоратии "Турабой", РЯМ: 3310006095, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Ризоев Саидакбар Саидатоевич, РЯМ: 3330085303, ки аз 09.07.2021 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ш а ҳ о д а т н о м а и бақайдгирӣ ва иқтибоси хоҷагии деҳқонии "Исмоилҷон", роҳбараш Расулова Рахима, РЯМ: 0730157662, РМА: 075459206, ки аз 25.12.2017 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Ш а ҳ о д а т н о м а и махсуси соҳибкори инфиродӣ Эшбекова Ф е р у з а б о н у Абдужалиловна, РЯМ: 0730156635, РМА: 076316078, ки аз 29.11.2027 дар Нозироти андози ш. Турсунзода ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Билети донишҷӯии №Д191145 ба номи Изатуллои Давлаталӣ, ки соли 2022 аз Донишгоҳи аграрии ба номи Ш. Шоҳтемур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Набиев Аминҷон Маҳмадқулович, РЯМ: 0430240553, РМА: 195771156, ки соли 2017 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Ш а ҳ о д а т н о м а и хориҷии 404715572 ба номи Юсуфи Амалия, ки санаи 19.05.2023 аз МШБ ВКД Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-929, ки аз 16.08.2012 дар Идораи нотариалии давлатии н. Рӯдакӣ ба номи Мирумадов Қамар Кироновия бо суроғаи н. Рӯдакӣ, деҳаи Истиқлол (собиқ ҷамоати Зайнабобод, кӯчаи Октябрская), хонаи 11/1 ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Д а с т г о ҳ и ҳ и с о б б а р о б а р к у н и и (кассовый аппарат) ОКА ПФ 28302, дар ихтиёри ҶДММ "Сабз", беэътибор дониста шавад.

► Д а с т г о ҳ и ҳ и с о б б а р о б а р к у н и и (кассовый аппарат) ОКА ПФ 37095, дар ихтиёри ҶДММ "Сабз", беэътибор дониста шавад.

► Д а с т г о ҳ и ҳ и с о б б а р о б а р к у н и и (кассовый аппарат) ОКА 102Ф 135668, дар ихтиёри ҶДММ "Сабз", беэътибор дониста шавад.

► Д а с т г о ҳ и ҳ и с о б б а р о б а р к у н и и (кассовый аппарат) Меркури 130Ф, дар ихтиёри ҶДММ "Сабз", беэътибор дониста шавад.

► Д а с т г о ҳ и ҳ и с о б б а р о б а р к у н и и (кассовый аппарат) ОКА 102Ф 143524, дар ихтиёри ҶДММ "Сабз", беэътибор дониста шавад.

► Д а с т г о ҳ и ҳ и с о б б а р о б а р к у н и и (кассовый аппарат) Меркури 171608, дар ихтиёри ҶДММ "Сабз", беэътибор дониста шавад.

► Д а с т г о ҳ и ҳ и с о б б а р о б а р к у н и и (кассовый аппарат) Меркури 10010375, дар ихтиёри ҶСП "Азиз ва Ко", беэътибор дониста шавад.

## СӮГВОРӢ

Коллективи омӯзгорони МТМУ №60 аз марги нобаҳангоми омӯзгори фанни забон ва адабиёти муассиса Саидова Назира Самадовна андуҳгин буда, ба пайвандонаш сабри ҷамил мехоҳанд.



## Судоку

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | 3 | 2 | 1 | 6 |
| | 6 | | | | | | | |
| 5 | | 8 | | | | | | |
| 8 | | 6 | | | 2 | | | |
| | 7 | | 8 | | | 5 | 3 | |
| | | 4 | 7 | | | | | |
| | 3 | | 9 | | 5 | 6 | | 7 |
| | | | | | | 4 | | |
| | | 2 | 3 | | 6 | | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2 | | | | | | | | |
| | | | | 3 | 4 | | | |
| | | | | | 6 | 5 | 1 | 4 |
| 8 | 1 | | 9 | | | | 6 | |
| 7 | | | | | 3 | | | |
| | 6 | | | | | | | |
| | 7 | | | 5 | | | | 2 |
| | 9 | 4 | 1 | | 2 | 3 | | |
| 6 | | | | | | | | 8 |

## Лабиринт



## Фарқиятро ёбед



## СКАНВОРД



Яке аз манораҳои Кремли Маскав
Шаҳри офатзадаи Арманистон
Миллати сокини Миср
Тарз, рафтор, равиш
«Мо аз ... омадем».
Нӯг, нӯги найза, нӯги теғ
Ходими баландмартаба
Раги калонтарини хунгард
Яке аз чорёрони Мустафо (с).
Модари Каин ва Авел
Кушоиши кор
Унсури кимиёвӣ.
Софи ..., ҳунарманди синамои Ҳолливуд
Зерокӣ, азбаски
Пайрави дини зардуштӣ
Бенуқсон, бекамбудӣ
Миллати сокини Исроил
Мултипликатор
Дашти ҳисобот назди Худованд
Ҷои чуқури амиқи дарё
Пойтахташ Дакка
...и қавӣ
...ву хоҳар.
Мокиёни чӯҷабарор
Олимон
Шаҳр дар ИМА.
Ҳақиқӣ, аслӣ.
Пурратар, тамомтар
Халиҷи баҳри Араб
Наҳории дуюм дар Инглистон
Дарё дар шарқи Русия
Твен ва Бернесу Захаров
Қонун дар Ислом.
Бибӣ (лаҳҷ.)
Мумкин, ҷоиз.
Донисташуда, аён, ошкор.
Ҳаёт (лотинӣ).
Пойтахти Албания
Тоб, тоқат.
Қаторкӯҳ дар Абхазистон
Мошини вазнини ҷангӣ.
Оташ.
Номи мардона
"... -Новости", расонаи хабарӣ
Номи наваш Спитамен
Шаҳри машҳури Фаронса
Баҳри уқёнуси Яхбастаи Шимолӣ

### Зудтар

Афсар аскари қаториро сарзаниш мекунад:

- Ман ба ту чанд маротиба гуфтам, ки саравват тири хушдордиҳанда парронидан лозим аст?!

Аскар мегӯяд:

- Ман ҳамин хел кардам.

Афсар дубора мепурсад:

- Каллаварам, ба сараш чаро тир холӣ кардӣ?

Аскар:

- Барои он ки гапамро зудтар фаҳмад.

### Ба ду тараф

Корманди БДА мошинеро манъ мекунад, ки ронандааш зан аст.

- Духтари зебо, шумо аломатҳои канори роҳро намебинед? Дар ин роҳ танҳо ба як тараф мошин рондан мумкин аст!

Духтар мегӯяд:

- Ман ба ду тараф мошин рондаам-мӣ?

### Қаноатманд

Аз марде пурсиданд:

- Шумо аз кори худ қаноатманд хастед?

Мард мегӯяд:

- Медонед, субҳ вақти ба кор рафтанам духтарони зеборо дида, шавқу рағбатам зиёд мегардад. Ҳангоми аз кор омадан ҳамон духтаронро бинам ҳам, шавқу рағбат аллакай нест. Маълум мешавад, ки қаноатманд мекунад.

### Дандон

Дандонпизишк ба бемор:

- Ҳарду дандонатон шамол кашидагӣ, кандан лозим аст.

Бемор:

- Чанд сомонӣ мешавад?

Дандонпизишк:

- 150 сомонӣ.

Бемор:

- Барои кори дудақиқагӣ 150 сомонӣ?

Дандонпизишк:

- Хайр, агар ба шумо маъқул бошад, ман дандонхоятонро давоми ду соат кашидан мегирам.

### Тоқӣ

Марде аз кор ба хона меояду писараш аз ӯ пул мепурсад. Падар як панҷсомонаро барварда медиҳад. Писарча ба пул нигоҳ карда, мебинад, ки дар он акси Садриддин Айнӣ аст. Онро ба таги болишт мегузорад хоб меравад. Шаб падар пулро аз таги болишти писараш гирифта, ба ҷояш яксомона мегузорад. Субҳ писар аз хоб хеста, пулро дида, ба гиря медароянд.

Падар мепурсад:

- Барои чӣ гиря мекунӣ?

Писар мегӯяд:

- Пули ман тоқӣ дошт, ин пул тоқӣ надорад.

Падар дар ҷавоб мегӯяд:

- Бачем, одам ки шаб хоб рафт, тоқияшро аз сар мегирад-дия!

### Аблаҳ

Зан ба шавҳар мегӯяд:

- Азизам, ман фикрҳои инсонро хонда метавонам!

Шавҳар мегӯяд:

- Ман ҳозир дар бораи чӣ фикр дорам?

Зан мегӯяд:

- Худат аблаҳ!

**Таҳияи Н.РАҶАБОВА**




## Сканворд




### “Барқи тоҷик”

Як нафар шаҳрванди Амрико аз пешрафти илму техника дар кишвари худ бо ифтихор нақл карда, гуфт:

- Дар мо насли нави телефонҳо, телевизорҳо, яхдонҳо ва мошину дигар теникаву таҷҳизоти хушманд истеҳсол шуданд. Ҳатто ба наздикӣ Амрико дар якҷоягӣ бо Ҷопону Кореяи Ҷанубӣ барқи хушмандро ихтироъ кард, барқи ҳушмандро.

Бо диққат ба гапҳояш гӯш карда, бо кунҷковӣ пурсидам:

- Дар бораи телефонҳои ҳушманд, телевизорҳо, яхдонҳо ва дигар таҷҳизот шунида будем, аммо дар бораи барқи хушманд бори аввал мешунавам. Лутфан бигӯ, ки барқи ҳушманд чӣ гуна барқ аст?

Бо шавқ ба нақл идома дод:

- Ана, нигоҳ кун, шаб, вақте ба рӯи кат дароз мекашӣ ва омодаи хоб мешавӣ, барқ инро мефаҳмад ва худаш хомӯш мешавад. Субҳ, вақте аз хоб бархостанӣ мешавӣ, барқ худ фурӯзон мешавад. Вақте аз дар мебароӣ, даст ба кушак нарасонида, барқ хомӯш мешавад, вақти ба хона даромадан низ ҳамин тавр, барқ худаш боз фурӯзон мешавад. Яъне соҳибхона дар хомӯш ва фурӯзон кардани барқ аз кушакҳо умуман истифода намебарад ва дар чойи кор хавотир намешавад, ки чароғи хонаро кушта бошад ё не.

- Эҳе, ин Амрикои ту дар якҷоягӣ бо Кореяву Ҷопон ихтирои “Барқи тоҷик”-и моро дуздидаанд-ку!

- Чӣ хел ихтирои ”Барқи тоҷик”-ро дуздидаанд?,- ҳайрон шуда пурсид.

Гуфтам:

- Ин барқи ҳушманде, ки ту имрӯз ихтирооташро ба се давлат нисбат медиҳӣ, чандин сол пеш аз тарафи ширкати “Барқи тоҷик” ихтироъ шуда буд.

- Ту гуфтанӣ, ки феълан дар Тоҷикистон пурра аз барқи хушманд истифода мебаранд?,- пурсид бо шубҳа.

- Бале,- гуфтам,- солҳо боз дар шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон барқи хушманд амал мекунад. Шаб ки шуд, болои кат мебароӣ ё не, нияти хоб дорӣ ё не, барқ хомӯш мешавад. Бо дамидани субҳ аз хоб мехезӣ ё не, барқ фурӯзон мешавад, яъне аз омадани субҳ хабар медиҳад. Вақте ба кор меравӣ, барқ худ аз худ хомӯш мешавад, бегоҳ боз бо фарорасии шом, худ аз худ фурӯзон мешавад.

- Оҳо, ин ихтирои бузург аст, вале чаро “Барқи тоҷик” дар ин бора ба ҷаҳониён хабар надод, то аз ихтироаш истифода баранд?,- пурсид аз ман.

Бовиқор гуфтам:

- Мо мардуми хоксорем. Худтаърифкуниро дӯст намедорем. Шумо ҳам ин қадар каттагӣ накунед!

**Холиқназар ҶУМЪАЗОДА**